Маҳз омӯзгорон – машъалафрӯзони ҷомеа қодиранд, ки имрӯзу фардои диёрро бо нури маърифат мунаввар созанд
ва дар рушду тараққиёти давлату миллат ҳиссаи сазовор гузоранд.
Эмомалӣ Раҳмон

Мардум маодини зару симанд дар сиришт, Ҷӯёи ин хазоини пинҳон муаллим аст.

# Омӯзгори ҷавон

№8(1086)
30 августи соли 2025

Оғози нашр
1 сентябри соли 1957

E-mail:
omuzgori_javon@mail.ru

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

## ИФТИТОҲИ МАКТАБИ НАВ ДАР ДЕҲАИ САФЕДТУНДАКИ НОҲИЯИ РАШТ



**Дар деҳаи Сафедтундаки Ҷамоати деҳоти Аскалони ноҳияи Рашт муассисаи таҳсилоти ибтидоии №103, ки дар натиҷаи заминҷунбӣ зарар дида буд, пурра аз нав барқарор ва ба истифода дода шуд.**

Ин иқдоми муҳим бо дастгирии молиявии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур ва Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон амалӣ гардид.

Дар маросими ифтитоҳ раиси ноҳияи Рашт Идизода Зарина Фузайлшо, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффарзода Бадриддин Сангалӣ, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода, ректорони дигар донишгоҳҳо ва дигар шахсони расмӣ ширкат доштанд.

Ин мактаб барои фароҳгирии хонандагон ва баланд бардоштани сатҳи таълим дар минтақа аҳамияти бузург дошта, имкон фароҳам меорад то шогирдон дар рӯҳияи хештаншиносӣ, ифтихори миллӣ ва донишандӯзӣ тарбия карда шаванд.



## ДАР ИН ШУМОРА:



БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ДОНИШГОҲ ДАР ҶАЛАСАИ ШУРОИ ИЛМӢ-МЕТОДӢ 2



ТАМОШОИ СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ДОНИШ 3



ИСТИҚЛОЛ - КАФИЛИ ЗИНДАГИИ ШОИСТА 7



НАҚШИ “ТОҶИКОН”-И БОБОҶОН ҒАФУРОВ ДАР ТАҲКИМИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН 11

ҶАЛАСА

# БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ДОНИШГОҲ ДАР ҶАЛАСАИ ШУРОИ ИЛМӢ-МЕТОДӢ

**27 августи соли 2025 ҷаласаи Шурои илмӣ-методии донишгоҳ таҳти роҳбарии раиси Шуро, муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода С.И. баргузор гардид. Дар ҷаласа чор масъалаи асосӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.**



Дар оғоз ҳайати нави Шурои илмӣ-методии донишгоҳ тасдиқ гардид. Баъдан, пас аз муҳокимаи ҳамаҷониба нақшаи кории Шурои илмӣ-методӣ барои соли таҳсили 2025–2026 қабул шуд. Ҳамчунин оид ба тасдиқи нақшаҳои кории Шуроҳои илмӣ-методии факултетҳо ва комиссияҳои методии кафедраҳои умумидонишгоҳӣ барои соли таҳсили нав котиби ШИМ Ҳамроев А. гузориш пешниҳод намуд.

Сипас масъалаҳои вобаста ба барномаҳои таълимӣ, матни лексияҳо, силлабусҳо, слайдҳо ва комплексҳои таълимӣ-методӣ баррасӣ гардида, бо дарназардошти тағйиру иловаҳо тасдиқ шуданд.

Дар натиҷа, аз рӯйи ҳамаи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

ДАСТОВАРД

# ХУШХАБАР ДАР ОҒОЗИ СОЛИ НАВИ ХОНИШ!

## Ғолибияти хонандагони Литсей дар даври шаҳрии Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст»

**Имрӯз, 26 августи соли 2025, дар Мактаби мусиқии ба номи Одина Ҳошим бо иштироки муовини Раиси шаҳри Душанбе Одилзода Дилбар маросими ҷоизасупорӣ ба ғолибони даври шаҳрии Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор гардид.**

Дар ин озмун хонандагони Литсейи назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолона ширкат варзида, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Аз ҷумла:

Аламова Фараҳнуш, хонандаи синфи 4 «Б», дар номинатсияи «Адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ» сазовори ҷойи якум шуд.

Қурбонализода Алиакбар, хонандаи синфи 8 «Б», дар номинатсияи «Адабиёти ҷаҳон» сазовори ҷойи сеюм гардид.

Ғолибон ва омӯзгорони онҳо аз ҷониби Ҳукумати шаҳри Душанбе бо диплом ва мукофотпулӣ қадрдонӣ шуданд.

Ин дастоварди шоистаи хонандагон боз як нишонаи ҷиддияти роҳбарият ва омӯзгорони Литсей дар самти баланд бардоштани сатҳи маърифат ва донишандӯзии насли наврас маҳсуб меёбад.



РӮЗИ ДОНИШ

# ТАМОШОИ СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ДОНИШ

**Рӯзи 30.08.2025 аҳли раёсат, омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ тамошо намуданд.**



Суханронии Сарвари давлат, ки ҳамасола ба муносибати оғози соли нави таҳсил ироа мегардад, дорои паёмҳои умдаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ буда, мақсаду мароми онро рушди соҳаи маориф, баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва тарбияи ҷавонони ватандӯсту соҳибмаърифат ташкил медиҳад.

Президенти мамлакат дар суханронии худ зикр намуданд, ки: "Ҳукумати мамлакат дар фаъолияти худ рушди соҳаи маорифро пояи устувори давлатдории муосир меҳисобад", инчунин «имрӯз замоне фаро расидааст, ки мо педагогикаи миллии худро бо истифода аз дастоварду навгониҳои замони муосир ташаккул диҳем ва анҷом додани ин кор, пеш аз ҳама, вазифаи олимони соҳаи педагогика мебошад».

Аҳли раёсат ва омӯзгорони донишгоҳ зимни тамошои суханронӣ ба ин андеша омаданд, ки ҳидояту дастуру супоришҳои Пешвои миллат роҳнамои фаъолияти минбаъдаи онҳо хоҳад буд. Онҳо изҳори боварӣ доранд, ки бо амалӣ гардидани сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат соҳаи маорифи кишвар рушду такомули беш аз пеш мeёбад ва барои тарбияи кадрҳои баландихтисосу ватандӯст заминаи устувор фароҳам меояд.

ОЗМУН

# ҒОЛИБИЯТИ 19 ДОНИШҶӮИ ДОНИШГОҲ ДАР ОЗМУНИ "ИЛМ - ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ"

**Боиси ифтихор мебошад, ки дар даври ноҳиявии Озмуни ҷумҳуриявии "Илм – фурӯғи маърифат" 19 нафар донишҷӯи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯи ҳашт номинатсия фаъолона иштирок намуда, ғолиб гардиданд.**



Аз онҳо 3 нафар сазовори ҷои 1-ум, 10 нафар сазовори ҷои 2-юм ва 6 нафар сазовори ҷои 3-ум гардиданд.

Нафарони пирӯзгардида дар маросими ҷойизасупорӣ ба ғолибони даври ноҳиявии Озмуни ҷумҳуриявии "Илм – фурӯғи маърифат" аз ҷониби муовини раиси ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе Аминзода Манижабону бо диплом ва мукофотпулӣ сарфароз гардонида шуданд.

«Илм он аст, ки бо ақл ва таҷриба пайваст бошад, вагарна танҳо суханест пароканда» Умари Хайём (1048–1131)

ДАСТОВАРД

# ДАСТОВАРДИ ШОИСТА ДАР ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВӢ

## Пирӯзии донишҷӯёну омӯзгори ДДОТ ба номи С. Айнӣ дар даври шаҳрии озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст»

**Рӯзи 26 августи соли 2025 дар Муассисаи давлатии «Мактаби бачагонаи санъат ба номи Одина Ҳошим»-и шаҳри Душанбе маросими ҷоизасупории даври шаҳрии Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор гардид. Дар чорабинӣ муовини Раиси шаҳри Душанбе Одилзода Дилбар, инчунин намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳр ширкат варзиданд.**

Боиси ифтихор аст, ки аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 3 нафар донишҷӯ, 1 нафар магистрант ва 1 нафар омӯзгор ғолиб ва сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд:

Холова Нилуфар – «Забон ва адабиёти рус», ҷойи якум;

Оқилзода Нурафшон – «Биология», ҷойи дуюм;

Ваҳҳобова Омина – «Филологияи тоҷик», ҷойи сеюм;

Самадова Фарзона – магистрант, «Забон ва адабиёти рус», ҷойи сеюм;

Бойзода Марворид – омӯзгори кафедраи педагогика, ҷойи сеюм.

Ғолибон аз ҷониби мақомоти шаҳри Душанбе бо диплом ва мукофотпулӣ қадрдонӣ шуданд.

Ин дастоварди арзанда нишон медиҳад, ки донишгоҳ дар рушди маърифат, китобхонӣ ва густариши фарҳанги мутолиа дар ҷомеа нақши бориз дорад.












ШАНБЕГӢ

# ШАНБЕГӢ – ҲАМБАСТАГӢ БАРОИ ОБОДИЮ ЗЕБОГӢ ВА МУҲИТИ ТОЗА











**Рӯзи 23 август дар Донишгоҳ бо мақсади омодагӣ ба соли нави таҳсил ва фароҳам овардани муҳити тозаю зебо шанбегии дастаҷамъона баргузор гардид.**

Дар чорабинӣ устодон ва кормандони Донишгоҳ фаъолона иштирок намуда, барои тозаву озода нигоҳ доштани синфхонаҳо, утоқҳои корӣ, саҳну атроф ва инчунин сабзкориву зебосозии гирду атрофи биноҳои таълимӣ саҳми арзанда гузоштанд. Ҳамчунин, дар ҷараёни шанбегӣ корҳои ободониву тозакорӣ бо рӯҳияи баланд ва ҳамбастагӣ анҷом дода шуданд.

Ташкили чунин чорабиниҳо на танҳо ба зебоиву ҳусни зоҳирии муҳити таълимӣ мусоидат менамоянд, балки ҳисси масъулиятшиносӣ, меҳнати дастаҷамъона ва ҳамбастагии иҷтимоиро миёни устодону кормандон таҳким мебахшанд. Ин иқдом инчунин намунаи ибрат барои донишҷӯён буда, онҳоро ба дӯст доштани муҳити зист ва ҳифзи тозагӣ ташвиқ менамояд.

Бо итминон метавон гуфт, ки идомаи ин гуна корҳои ободонӣ барои таъмини муҳити солиму зебо ва баланд бардоштани фарҳанги тозагӣ дар ҷомеа аҳамияти муҳим дорад.

БАРРАСӢ

# БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМ ДАР ҶАЛАСАИ СОХТОРҲОИ ҚИСМИ ИЛМИ ДОНИШГОҲ

**29 август таҳти роҳбарии муовини ректор оид ба илм, профессор Раҷабзода Сироҷиддин Икром, ҷаласаи сохторҳои қисми илми донишгоҳ доир гардид. Дар ҷаласа асосан масъалаҳои рӯзмарраи марбут ба фаъолияти илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.**



Масъалаи аввал таъмини иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм – Фурӯғи маърифат» буд. Таъкид гардид, ки мутасаддиён бо ҳамроҳии муовинони декан оид ба илм бояд дар ин самт ҷораҷӯӣ намоянд.

Ҳамчунин масъалаҳои зерин ба муҳокима гузошта шуданд:

Ҷоннок кардани фаъолияти маҷаллаҳои илмӣ;

Бақайдгирии устодон ва кормандони донишгоҳ дар махзанҳои илмии байналмилалӣ;

Такмили лоиҳаҳои илмии фармоишӣ;

Пешниҳод намудани мақолаҳои методӣ ба маҷаллаи «Маърифати омӯзгор»-и назди Вазорати маориф ва илм;

Таҳким бахшидан ба Ҷамъияти илмии донишҷӯёни факултетҳо;

Мусоидат ба ҳимояи рисолаҳои докторӣ (PhD) ва унвонҷӯён;

Баланд бардоштани имидҷи илмии донишгоҳ.

Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, профессор Раҷабзода Сироҷиддин, дар охири ҷаласа ҳамаи иштирокдоронро ба фаъолияти созанда ва ширкати фаъолона дар корҳои илмӣ даъват намуда, таъкид доштанд, ки ҳар як шахс бояд барои пешрафти илм ва ободонии донишгоҳ кӯшиш намояд.

МАШҚИ ПАГОҲИРӮЗӢ

# СОЛИМГАРДОНӢ ВА ҶАЛБИ ОМӮЗГОРОНУ КОРМАНДОН БА ВАРЗИШ

**Бо мақсади ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим, таҳкими неруи ҷисмонӣ ва боло бурдани рӯҳияи варзишӣ, субҳи 16 август дар боғи фарҳангиву фароғатии ба номи Аҳмади Дониш машқи умумии пагоҳирӯзӣ баргузор гардид.**



Дар чорабинӣ устодон ва кормандони Донишгоҳ бо завқу ҳаваси баланд ширкат варзида, зери роҳбарии мутахассисони соҳаи варзиш ба иҷрои машқҳои гуногуни ҷисмонӣ пардохтанд. Ҳозирин дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва рӯҳияи болида машқҳоеро иҷро намуданд, ки ба обутоби бадан, беҳтар гардидани гардиши хун ва баланд бардоштани қобилияти корӣ мусоидат мекунанд.

Зимни баргузории машқ таъкид гардид, ки чунин чорабиниҳо на танҳо ба саломатии иштирокчиён манфиати зиёд доранд, балки барои таҳкими муносибатҳои дӯстона миёни ҳамкорон ва ташаккули фарҳанги варзишӣ дар ҷомеа низ саҳми муҳим мегузоранд.

Машқи пагоҳирӯзии устодону кормандон намунаи хуби ташвиқ ба тарзи ҳаёти солим буда, идомаи он метавонад ба рушди варзиш ва баланд гардидани маърифати ҷисмонӣ дар муҳити донишгоҳӣ такони ҷиддӣ бахшад.

# ЗЕҲНИ СУНЪӢ ВА АМНИЯТИ КИБЕРНЕТИКӢ: ИМКОНИЯТҲО ВА ХАТАРҲО ДАР ҶАҲОНИ РАҚАМӢ

**Рушди бесобиқаи технологияҳои рақамӣ дар даҳсолаҳои охир боиси ба вуҷуд омадани як низоми нави иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва иттилоотӣ гардид, ки дар он амнияти кибернетикӣ ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолияти инсон бaромад мекунад. Бо зиёд шудани ҳаҷми иттилооти рақамӣ ва вобастагии фаъолияти шахсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба шабакаҳои компютерӣ, зарурати таъмини амнияти иттилоотӣ беш аз ҳарвақта эҳсос мегардад. Дар ҷаҳони муосир, ки технологияҳои рақамӣ босуръат рушд мекунанд, масоили марбут ба амнияти иттилоотӣ ва кибернетикӣ аҳамияти афзоянда пайдо намудаанд.**



Шарипов Қ. Б. - номзади илмҳои педагогӣ, сармутахассиси раёсати таълими ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Зеҳни сунъӣ ва амнияти кибернетикӣ ду самти калидии рушди илм ва технологияҳои муосир маҳсуб ёфта, бо якдигар иртиботи зич доранд. Зеҳни сунъӣ, ки ҳадафаш эҷоди системаҳои қобилияти тақлид кардани фикр, омӯхтан ва қабули қарорро дорад, метавонад дар таҳкими амнияти кибернетикӣ нақши муҳим бозад. Бо вуҷуди ин, густариши истифодаи он метавонад таҳдидҳои нави амниятиро низ ба вуҷуд оварад.



Зеҳни сунъӣ ба системаҳо ишора мекунад, ки қобилияти таҳлили маълумот, қабули қарорҳои интеллектуалӣ ва интераксия бо муҳити атрофро доро мебошанд. Ин гуна системаҳо метавонанд бо истифода аз алгоритмҳо, таҷрибаҳо ва маълумоти таълимдида ба таври мустақил фаъолият кунанд. Бо назардошти чунин хусусиятҳо, истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ дорои имкониятҳои назаррас мебошад. Аммо, ҳамзамон, як қатор хатарҳои эҳтимолӣ низ ба миён меоянд, аз ҷумла:

истифодаи зеҳни сунъӣ барои эҷоди хакерҳои автоматикӣ;

ҳамлаҳои интеллектуалӣ бо истифода аз шабакаҳои омӯзиши амиқ;

сохтакорӣ ва паҳн кардани маълумоти бардурӯғ;

шикастани алгоритмҳои рамзгузорӣ тавассути системаҳои зеҳни сунъӣ.

Яке аз сенарияҳои эҳтимолӣ ин аст, ки дастгоҳҳои рақамӣ, ба мисли телефонҳои ҳамроҳ ё компютерҳо, аз ҷониби нармафзорҳои зараровар идора шаванд. Дар чунин ҳолат, маълумоти шахсӣ, ҳисоби бонкӣ ва дигар иттилооти муҳими корбар метавонад мавриди дастрасии ғайриқонунӣ қарор гирад.

Бо назардошти ин, татбиқи тадбирҳои ҳимоявӣ барои ҳар як шахс муҳим аст. Аз ҷумла, истифодаи паролҳои мустаҳкам, эҳтиёт ҳангоми ворид шудан ба сомонаҳои ношинос, худдорӣ аз насби барномаҳои номаълум ва баррасии муфассали паёмҳои шубҳанок аз ҷумлаи чораҳои оддии амниятии шахсӣ мебошанд.

Муҳим аст қайд гардад, ки зеҳни сунъӣ худ як восита мебошад ва самти таъсири он мусбат ё манфӣ ба тарзи истифодаи он вобаста аст.

Амнияти кибернетикӣ ё киберамният ба муҳофизати системаҳои компютерӣ, маълумот ва шабакаҳо аз таҳдидҳои киберӣ, ба мисли ҳуҷумҳои хакерӣ, вирусҳо ва дигар хатарҳо дахл дорад. Бо пешрафти технологияҳои зеҳни сунъӣ, ин таҳдидҳо мураккабтар ва дақиқтар мешаванд. Аз ин рӯ, на танҳо шахсони алоҳида, балки давлатҳо, муассисаҳо ва ширкатҳо бояд чораҳои муассирро барои таъмини амнияти иттилоотии худ роҳандозӣ намоянд.

Компонентҳои асосии амнияти кибернетикӣ иборатанд аз:

Амнияти шабака – ҳимояи инфрасохтори шабакавӣ (серверҳо, маршрутизаторҳо, коммутаторҳо) аз ҳамла ва сироятҳо;

Амнияти иттилоот – таъмин намудани махфият ва дурустии маълумот ҳангоми нигоҳдорӣ ва интиқол;

Амнияти барномаҳо – пешгирии осебпазирии амниятӣ дар барномаҳо ва назорати дастрасии ғайр;

Амнияти истифодабаранда – омӯзиш ва огоҳкунии корбарон барои ҳифзи маълумоти шахсӣ;

Амнияти мобилӣ – муҳофизати смартфонҳо ва дигар дастгоҳҳои сайёр аз хатарҳои рақамӣ;

Амнияти инфрасохтори абрӣ – ҳифзи маълумот дар муҳити абрӣ ва идоракунии дастрасӣ ба он.

Ҳамзамон, барои таъмини амнияти рақамӣ, омӯзиши доимӣ, таҷдиди барномаҳои муҳофизатӣ, ва тавсеаи сиёсати амниятии муассир бояд дар мадди аввал қарор дошта бошанд.

Мақсад аз ин таҳқиқ, таҳлили нақши зеҳни сунъӣ дар таъмини амнияти кибернетикӣ ва ошкор сохтани хатарҳо ва имкониятҳои он мебошад. Таваҷҷуҳ ба ин масъала, дар шароити афзоиши ҳамлаҳои киберӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ дар таҳқиқи онҳо, аҳамияти стратегӣ дорад. Зеҳни сунъӣ метавонад ба воситаи таҳкими муҳофизат, таҳлили маълумоти бузург ва пешгӯии хатарҳо дар баланд бардоштани амнияти кибернетикӣ нақши муҳим бозад. Аммо, бо истифодаи нодуруст ва назорати ғайрифаъол, он худ метавонад ба манбаи ҷиддии таҳдид табдил ёбад.

Дар ин замина, муҳим аст, ки татбиқи зеҳни сунъӣ дар соҳаи амният бо стратегияи ҳамаҷониба, танзими ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти илмии пайваста ҳамроҳӣ гардад. Танҳо дар он сурат мо метавонем аз имкониятҳои он бахравар гардем ва худро аз хатарҳои эҳтимолӣ муҳофизат намоем.

БАХШИДА БА РӮЗИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

# ИСТИҚЛОЛ - КАФИЛИ ЗИНДАГИИ ШОИСТА



**Маъмулан шахсияти соҳибхирад ва боистеъдодро шароити ҳассос ва тақдирсози таърихӣ ва масъалаҳои мураккаби боқӣ мондани давлатҳо дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ба давлатмардони барҷаста табдил медиҳанд. Дар чунин даврон пешвоёне бар арсаи сиёсат ворид мегарданд, ки қодиранд ҳама гуна монеъаҳоро аз роҳи пешрафти ҷомеа бигиранд ва роҳро барои рушду густариш омода созанд.**

Бо ибораи дигар, шахсиятҳои барҷаста маҳсули даврони муҳимми таърихӣ мебошанд. Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1991), кишвари мо бо як қатор мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гардид.

Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 боиси фурӯпошии низоми давлатдорӣ, коҳиши амнияти миллӣ ва заъфи сохторҳои идоракунӣ гардид. Дар чунин вазъият шахсияти сиёсие ба саҳна омад, ки тавонист бо хирад, ирода ва дурбинии сиёсӣ кишвари навтаъсиси Тоҷикистонро ба самти суботи сиёсӣ ва рушди иқтисодиву иҷтимоӣ раҳнамоӣ кунад. Ин унсурҳои шоиста дар шахсияти Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дида мешаванд.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид бар он доранд, ки ба ивази чӣ заҳмате, ки набошад, рушди энергетикии ҷумҳурӣ бунёд карда шавад. Бо талошу заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат сохтмони НБО-Роғун имрӯзҳо як корзори нангу номусро мемонад. Агар ба таърих назар афканем, аз мавзеи сохтмони НБО-Роғун қариб чизе боқӣ намонда буд. Сохтмони лоиҳаи НБО-Роғун дар замони соҳибистиқлолӣ гуфтан мумкин аст, ки аз сифр оғоз шуда, бо ташаббуси Президенти маҳбуби кишвар НБО-Роғун санаи 16-уми ноябри соли 2018 аввалин агрегат ва 09-юми сентябри 2019 шоҳиди мавриди истифода қарор гирифтани дуюми агрегати он шудем. Гарчанде дар ҷумҳурӣ даҳҳо неругоҳҳои хурду бузург ба истифода дода шудааст. Бояд қайд намуд, ки ба истифода дода шудани неругоҳҳои хурди барқӣ моҳияти калони иҷтимоӣ низ дорад. Дар мавзеҳои баландкӯҳи ҷумҳурӣ моҳҳои зиёд ғайр аз рӯшноӣ, деҳқонон қувваи баркро барои гарм кардани манзили зист, тамошо кардани барномаҳои телевизионӣ, радио, хӯрокпазӣ, дарзмол кардани либос, равшан кардани кӯчаҳои торик ва ғайраҳо истифода мекунанд. Дар 34-соли истиқлоли кишвари маҳбубамон бунёди чунин сохтмонҳои азим кори саҳлу сода нест.

“Ин ҳиммат беихтиёр қиссаи «хаёлпарасти Кремл»-ро ба ёд меоварад: нависандаи фантасти англис Ҷеймс Уэллс соли 1920, ҳангоме ки давлати қашшоқи навбунёди шӯроҳо зери тазйиқу фишори душманони дохиливу хориҷӣ қарор дошт, бо Ленин мулоқот орост. Владимир Илич ӯро ба нақшаи сохтмони азими ГОЭЛ шинос карда гуфт, ки пас аз чанд сол давлати Шуравӣ кишвари бузурги саноатӣ хоҳад шуд». Фантасти машҳур ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки давлати гушнаю дармонда чӣ тавр дар муддати дусе сол саноати пешрафта дошта метавонад. Бинобар ин, Ленинро тамасхуромез «хаёлпарасти Кремл» номид.

То расидан ба ин рӯзҳои хушбахтӣ дар муҳлати кӯтоҳ чизе беш аз хаёлпарастӣ набуд. Миллати тоҷик чӣ мушкилотеро аз сар нагузаронид. Расидан ба ин рӯзи саодатмандию пур аз нур барои ҳар як халқу миллат қаҳрамонӣ мебошад. Ваъдаҳои хушку холии баъзе давлатҳою ширкатҳои хориҷӣ, монеагузории бархе давлатҳо ва мутаассифона игвогариҳои нотавонбинони дохилию хориҷии давлати мо садди роҳи миллати тоҷик нашуд. Дар ин самт халқи тоҷик таҳти роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба қуллаи мурод расида истодааст. Раванди омӯзиши муфассали захираҳои сӯзишворӣ ва энергетикии Тоҷикистон дар давоми солҳои истиқлоли кишвари маҳбубамон нишон дод, ки рушди босуръати тараққиёти як соҳаи такондиҳандаи иқтисодиёти мамлакат, танҳо дар фазои пурраи истиқлолияти давлатӣ таъмин гардидааст.

Агар ба буҳрони сиёсии ибтидои солҳои 90-ум, ки мамлакатро ба муқобилиятҳои сахти ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва тафаккури пасти психологии қисмати аҳолӣ, фаҳмишҳои ғайриодӣ, ғорат кардан, аз худ кардан ва талаву тороҷ намудани моликияти давлатӣ ба он оварда расонд, ки корхонаҳои зиёди мамлакат бе мутахассис ва корхонаҳо аз кор боз монда, сатҳи зиндагии мардум аз меъёри минималии ҳаёти иҷтимоӣ хеле паст фаромад. Дар баробари ин рушди энергетика ва сӯзишворӣ узви таркибии барномаи баровардани мамлакат аз буҳрони иқтисодии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб мерафт. Дар рушду такомули энергетика ва сӯзишвории мамлакат нақши сарвари муаззами давлат хеле калон мебошад. Худи барномаи «Истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон» дар асоси мушоҳидаҳо, суханрониҳо ва таклифҳои Президенти мамлакат бо иштироки бевоситаи ӯ таълиф шудааст. Аз нав омӯхтани захираҳои энергетикиву сӯзишворӣ, ба кор андохтани корхонаҳои аз кор монда, тайёр намудани мутахассисони соҳа, сохтмони корхонаҳои нави энергетикӣ, дарёфт намудани маблағҳо барои хароҷоти соҳа ва ғайраҳо аз зумраи масъалаҳои зери назорати доимии Президенти кишвар ба ҳисоб меравад.

Дар бораи моҳияти мавҷудияти захираҳои энергетикӣ ва сӯзишвории мамлакат Президенти кишвар чунин қайд карда буданд: «Мо вазифадорем истифодаи ин захираҳо ва манбаъҳои дигари нерӯро оқилона ва дар тавозуни оптималӣ барои истеҳсоли барқ, гармӣ, бухор, таъмини шароити муосири зиндагии мутамаддин дар тамоми минтақаҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо васеъ ба роҳ монем ва дар ин самт ҳамкориро вусъат бахшем».

Истиқлол ва ваҳдати миллӣ пойдеворе мебошад, ки барои дастовардҳои имрӯзи миллати тоҷик бо ҳарфҳои зарин навишта гардидааст. Пешвои миллати мо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо азму иродаи қавӣ ва хираду тасмими созанда чун аҷдоди қавииродаи хеш бори дигар нишон доданд, ки мо ба ину он кор надорем, роҳи мо якест – ватансозӣ ва ватандорӣ. Оқибат дар сатҳи ҷаҳонӣ дӯстону душманон иқрор шуданд, ки ҳадафи мо созанда ба сӯи нуру саодат далеронаю хирадмандона қадам гузоштан аст.



**Наҷмуддинзода Т.А. - омӯзгори кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ**

НУҚТАИ НАЗАР

# НЕЪМАТЕ БЕҲТАР ЗИ ИСТИҚЛОЛ НЕСТ!

**Истиқлоли давлатӣ бузургтарин ва муқаддастарин неъмат, таҷассуми олии тафаккури миллӣ, ифтихору ватандӯстӣ, нишони ҳастии миллати куҳанбунёд, пояи саодат ва саршори ифтихори мардуми Тоҷикистон мебошад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Воқеан ҳам Истиқлоли давлатӣ барои ҳар як кишвар падидаи бениҳоят муқаддас, волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллат ба шумор меравад.

Таърих гувоҳ аст, ки миллати тоҷик барои мушарраф гардидан ба истиқлоли пойдор ва рушду нумӯи он чӣ қадар ҷоннисориҳо намудаанд.

Дар воқеъ, Истиқлолият ҳолатест, ки шахс зери таъсири ҳеҷ қувваи беруна қарор надошта, ҳаёт, мақсад ва арзишҳои худро мустақилона муайян менамояд. Истиқлолият ба инсон барои озодии интихоб, масъулият ба амали худ неру мебахшад.

Истиқлолият такягоҳи асосӣ мебошад, зеро он имкон фароҳам меорад, ки бо худ боварӣ дошта, хушбахт бошӣ. Дар даврони истиқлолият ҳар як шахс метавонад фикрашро озодона баён намуда, шахсияти худ ва дигаронро эҳтиром намояд.

Сарбаландиву хушбахтии мо миллати тоҷик дар он аст, ки тақдири имрӯзу фардои ватанамон дар ихтиёри худамон мебошад ва ҳар фарди бо нангу номуси миллат ҳастӣ ва ҳаёти худро ба хотири озодиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ бахшидааст.

Истиқлоли ба дастовардаи мо, Тоҷикистонро ба ҷаҳон ва ҷаҳонро ба Тоҷикистон пайванди ногусастанӣ ва ҳамешагӣ бахшидааст. Имрӯз Тоҷикистони азизи мо роҳи мустақили инкишофи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавиро пеш гирифта, ба аслҳои озодии сухан, озодии виҷдон ва гуногунандешӣ, ки аз ҷумлаи асосҳои давлати демократӣ мебошанд, арҷи тамом мегузорад.

Маҳз, бо шарофати истиқлоли комил дар арсаи ҷаҳон мартабаи Тоҷикистон пайваста боло рафта, ташаббусҳои кишвари моро ба хотири амнияти мардуми сайёра дар сатҳи байналмилалӣ мепазиранд. Итиқлолият бузургтарин дастоварди миллати тоҷик дар тӯли таърихи ҳазорсола мебошад. Баъди пош хӯрдани давлати Сомониён, пас аз ҳазор сол имконият моро даст дод, ки ба орзуи деринаи худ бирасем. Зеро, мустақилият ва соҳибихтиёрӣ метавонад беҳтарин арзишҳо ва дороии ҳар як миллату халқиятро ҳифз намуда, таҷассумгари орзуву омоли мардум бошад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки баъд аз онқадар азобу машаққат, даргириҳои сиёсӣ, бесарусомониву мушкилиҳои зиёд миллати азиятдидаву ранҷкашидаи тоҷик нахустин бор соли 1991 Истиқлолияти комил ба даст овард.

Истиқлолият пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷик буда, дар асри хх ба даст омадааст. Он чун меҳмони олиқадр, пурфайзу пурбаракат ба хонадони кишвари тоҷик 9 сентябри соли 1991 ташриф оварда, ба мардуми сарбаланд ва соҳибтамаддуни мо ҷаҳони нав, рӯҳи болида ва осмони софу беғуборо ато намуд. Миллати меҳмоновози тоҷик қадамҳои мубораки ин меҳмони олиқадрро волотар ҳисобида, арҷгузорӣ намуда, онро ба хубӣ пазируфтанд. Ҳарчанд бархе аз душманони қотилу бераҳм тобу тоқати дидани ин сарзамини пурганҷро накарда, миллати бузурги тоҷикро ҷанг андохтанд, вале мардуми обруманди тоҷик новобаста аз мушкилиҳои зиёди замон муҳоҷир гардидаву бесару сомон шуданд, аммо ба зудӣ аз ақли солими хеш истифода намуда, дубора соҳиби мулку сарзамини аҷдодии худ гардиданд.

Ҳамин дастоварди таърихӣ буд, ки имрӯз Тоҷикистон дар радифи дигар давлатҳо, дар баробари кишварҳои мутараққии ҷаҳон қадам зада, дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ, ки сокинони сайёра бо онҳо рӯ ба рӯ гардидаанд, саҳми арзанда мегузорад.

Маҳз бо талошу заҳматҳо ва кӯшишҳои бевоситаи Президенти мамлакат Тоҷикистон истиқлоли комил ба даст оварда, мардуми саодатпешаи тоҷик сарзамини аҷдодии худро дубора барқарор намуданд. Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистони азиз дар солҳои баъди ҷангӣ бо вуҷуди он қадар мушкилиҳои сиёсӣ ба Ҷумҳурии Афғонистон сафар карда, даҳҳо ҳазор мардуми тоҷикро, ки бесарпаноҳ, мусофир ва ғариб буданд, дубора сарҷамъ намуда, ба Ватан баргардониданд. Дар як муддати кӯтоҳ ин марди хирадманд, оқилу тавоно, некбину дурандеш тавонист, ки Тоҷикистонро ба мисли дигар давлатҳои рӯйи дунё дар арсаи байналмилалӣ арзёбӣ намудаву муаррифӣ намояд. Ин ҳама заҳматҳо ва талошҳои бевоситаи шабонарӯзии Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки имрӯз ҳар сокини кишвар аз меваҳои шаҳдбори Истиқлоли давлатӣ баҳраманд аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунад, ки «Орзуи ба даст овардани мустақилияти миллӣ амалӣ гашт. Ва дар асл чунин осон ба даст омадани озодӣ ва истиқлолро касе ҳам тасаввур надошт. Ин истиқлолият ҳадяи бебаҳои таърих буда, устувору пойдор нигоҳ дошта, тавонистани он масъулияти таърихии наслҳои имрӯза мебошад.

Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату давлатдории тоҷикон дар асри бистум аст, ки нахуст дар заминаи давлатҳои навтаъсиси Иттиҳоди Шуравӣ арзи ҳастӣ намуда, ҳамчун шакли давлатдории мутамаддину пешрафта сабзид, ба камол расид ва ташаккул ёфт.

Истиқлолият шиносномаи ҳастии давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёри тоҷикон дар ҷомеаи ҷаҳонист, ки низоми давлатдорӣ, сиёсати дохилию хориҷӣ, сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии хешро мустақилона пеш мебарад.

Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хосса ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро бо набзи сайёра ҳамсадо месозад».

Мо ҷавонон пайваста аз он шукргузор ҳастем, ки дар фазои соҳибистиқлолии кишвар умр ба сар бурда, таҳсили илм намудаву кору фаъолият менамоем.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар мардуми сарбаланди тоҷик соҳиби як қатор дастовардҳои нодири таърихӣ гардида, ҳар яки онҳоро чун гавҳари чашм эҳтирому ҳифз менамоянд. Маҳз самараи Истиқлолият буд, ки мо тавонистем соҳиби як қатор иншоотҳои бузурги аср гардида, дар харитаи сиёсии ҷаҳон мавқеи устувори худро пайдо намоем.

Истиқлолият барои мо тоҷикон рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ба ҳаёти озодонаи ҳар як фард олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд.



Марҷонаи Амон – дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ ва забонҳои МДТ "Коллеҷи милитсияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон", майори милитсия

Истиқлолият барои мо нишонаи барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Бо азму иродаи қавӣ, дасту дили пок мардуми бофарҳанги тоҷик кӯшиш намуда истодаанд, ки дар оянда зери ливои сулҳу истиқлолияти комил дастовардҳову инкишофи тамоми самтҳои давлатиро вусъат дода, дар ҷаҳони мутамаддин мавқеи арзандаи хешро касб намоянд, зеро маҳз талошу заҳмат ва шуҷоатмандии мардуми тоҷик метавонад Тоҷикистонро дар оянда боз ҳам чун мамлакати тараққикарда дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намояд. Ин ҳама ҳадафҳову талошҳои созанда бахри пешрафту шукуфоии ватани маҳбубамон Тоҷикистон ва оромии ҳаёти арзандаи мардуми матиниродаи тоҷик аст, чунончӣ Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медоранд: «Миллати бузурги ман! То зиндаам, ман бо номи ту сидқан ифтихор мекунам, туро самимона дӯст медорам ва тамоми ҳастии худро дар роҳи хизмат ба ту бедареғ мебахшам!»

Истиқлолият нахустин фасли китоби давлатдорӣ буда, садоқат ба он нахустин фасли китоби худшиносист. Бигзор Истиқлолияти миллии мо ҷовидону поянда ва бегазанд бошад ва Тоҷикистони азизи мо рӯз то рӯз зебову ободтар гардад!

АНДЕША

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАҲКИМИ МАҚОМИ ЗАНОНУ ДУХТАРОНИ ТОҶИК ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**«Зан – нерӯи созанда ва поягузори давлат ва ҷомеа аст»**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Ин иқтибос нақши занонро ҳамчун нерӯи муҳими давлатдорӣ ва рушду пешрафти ҷомеа ба равшанӣ нишон медиҳад. Мақола ба таҳкими нақши занон дар даврони Истиқлолият бахшида шудааст ва ҳамоҳангии афкор ва арзишҳои адабии Шоири халқии Тоҷикистон ва Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзодаро бо сиёсати амалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳлил мекунад.

Агар Мирзо Турсунзода занро ҳамчун сарчашмаи илҳом ва нерӯи маънавӣ тасвир карда бошад, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сиёсати хирадмандона ва дастгирии пайвастаи худ ин арзишҳоро ба воқеият табдил додааст, то занону духтарон ҳамчун нерӯи созанда, поягузори оила ва такмилдиҳандаи давлату ҷомеа баромад кунанд.

Шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода таҷрибаҳои эҷодии адибони классикӣ ва муосири тоҷику форсро барои тасвири симои зан истифода намуда, ӯро на танҳо вассофи ҳусн ва зебоӣ, балки нерӯи фаъол ва таъсиргузор дар ҷомеа мешуморид. Мирзо Турсунзода занро гармиву ҳарорат ва меҳвари сохтану бунёд кардан медонист, ки ин андешаҳо имрӯз низ ҳамчун заминаи назариявӣ барои ташаккули нақши занон дар ҷомеаи муосир хизмат мекунанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони Истиқлолият ин ҷаҳонбиниро дар амал татбиқ намуда, бо талошҳои пайвастаи худ занону бонувони тоҷикро аз бумбаст берун оварда, ба онҳо роҳ ба сӯйи озодӣ, худшиносиву худогоҳӣ, мақсадгузорӣ ва дастоварду муваффақиятҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа боз намуданд.

Имрӯз занон ва духтарони тоҷик бо ҷалби беш аз 25 % ба хизмати давлатӣ ва қариб 20 % ба вазифаҳои роҳбарикунанда, инчунин бо иштироки фаъол дар соҳаҳои маориф (73 %), тандурустӣ (71 %), фарҳанг (47 %), бонкдорӣ (39 %), алоқа (25 %) ва хадамоти иттилоотӣ (40 %) мавқеи устувори худро дар низоми давлатдорӣ пайдо кардаанд.

Дар соҳаи соҳибкорӣ низ занон дар маркази диққат қарор доранд. Аз соли 2022 беш аз 600 000 нафар занону духтарон ба маблағи беш аз 3 миллиард сомонӣ қарз гирифтаанд, ки ин имкон фароҳам меорад, то онҳо дар рушди касбӣ ва иқтисодӣ саҳм гузоранд.

Грантҳои президентӣ низ афзоиш ёфтаанд: аз 5 миллион сомонӣ дар соли 2024 ба 15 миллион сомонӣ дар соли 2025, ки имкониятҳои нав барои 200 зан ва духтарон дар саросари кишвар фароҳам оварда шудааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дастовардҳои назаррас дар соҳаи маориф мушоҳида мешаванд. Беш аз 504 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои таҳсилоти касбиро хатм намуда, соҳиби маълумоти олӣ ва малакаи касбӣ гардиданд.

Пешвои миллат таъкид менамоянд: «Бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад».

Ҷалби духтарону бонувон ба таҳсил, фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки онҳо дар корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ташкили квотаи президентӣ барои донишҷӯён аз ноҳияҳои дурдаст ва дастгирӣ дар озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ — ҳамаи ин иқдомҳо самараи дастгирии пайвастаи Пешвои миллат мебошанд.

Танҳо соли 2024 ба зиёда аз 22 ҳазор духтарону бонувон квотаи президентӣ ҷудо шуд ва соли 2025 беш аз 1,2 ҳазор духтарону бонувон дар озмунҳои байналмилалӣ соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд.

Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки зан–модар мавҷуди муқаддас буда, насли инсонро ба вуҷуд меорад ва тарбия мекунад. Аз ин рӯ, ҳифзи арзишҳои оилавӣ, пос доштани расму оинҳои миллӣ, анъанаву суннатҳо ва тарбияи фарзандон дар рӯҳияи ватандӯстӣ барои ҳар як бону вазифаи муқаддас арзёбӣ мешавад.

Барномаҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили «Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонун «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон», барномаҳои тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳо аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд ва Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон барои солҳои 2021–2030 шаҳодати дастгирии мунтазами давлат ба занону духтарон мебошанд.

Пешвои миллат барои рушди зеҳнии ҷавонон ва духтарону бонувон озмунҳои ҷумҳуриявиро роҳандозӣ намуда, онҳоро ба корҳои илмӣ, таҳқиқотӣ ва эҷодӣ ҷалб мекунанд. Аз ҷумла, озмунҳои «Илм — фурӯғи маърифат», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Тоҷикистон — кишвари азизам» заминаи мусоид барои рушди зинаҳои минбаъдаи илмӣ ва касбии духтаронро фароҳам меоранд.

Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 11 466 донишҷӯи таҳсилоти фосилавӣ 9 094 нафар духтарон мебошанд, ки нишондиҳандаи ҷиддияти давлат дар дастгирии занону духтарон аст.

Дастгирии Пешвои миллат дар рушди нақши занон на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар арсаи байналмилалӣ низ эътироф шудааст. Занону духтарон дар чорабиниҳои байналмилалӣ, конференсияҳо, озмунҳо ва барномаҳои ҳамкории минтақавӣ ширкат варзида, мавқеи устувори худро нишон додаанд. Полиси давлат дар ҳифз ва тавсеаи ҳуқуқҳои баробар барои занон ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ буда, таҷрибаи Тоҷикистон ҳамчун намунаи пешқадам барои дигар кишварҳои минтақа арзёбӣ мешавад.

Мисолҳои мушаххас:

1. Сафари занону духтарон ба ташкилотҳои байналмилалӣ: соли 2023 гурӯҳи намояндагони духтарону бонувони Тоҷикистон дар Конференсияи байналмилалии “Women in Leadership” дар Швейтсария иштирок намуда, таҷрибаи миллии Тоҷикистонро дар рушди нақши занон муаррифӣ карданд.

2. Озмунҳои байналмилалӣ: дар соли 2024 беш аз 1,000 духтарону бонувон дар озмунҳои илмӣ ва эҷодӣ дар кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ ширкат варзида, 15 ҷойи ифтихорӣ ва мукофотҳои махсус ба даст оварданд.

3. Барномаҳои ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ: Тоҷикистон бо ЮНЕСКО, СММ ва ташкилотҳои минтақавӣ барои дастгирии занону духтарон созишномаҳои муштарак таҳия кардааст. Аз ҷумла, барномаи “Empower Women in Central Asia” дар соли 2025 бо иштироки зиёда аз 200 зан ва духтарон амалӣ гардид. Ин иқдом нишон медиҳад, ки таҷрибаи Тоҷикистон метавонад ҳамчун намунаи пешқадам барои кишварҳои минтақа баррасӣ шавад.

Ин дастовард исботи равшани ҳамоҳангии андешаҳои Мирзо Турсунзода ва сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллатро нишон медиҳад, ки занро ҳамчун нерӯи созанда ва ташаккулдиҳандаи ҷомеа мешуморанд. Мавқеи занону духтарон дар низоми давлатдорӣ, соҳибкорӣ, маориф ва фарҳанг устувор гардида, ҳамчун нерӯи фаъол, ташаббускор ва пешбарандаи давлату ҷомеа баромад мекунанд.

Ҳамин тариқ, ҳамоҳангии андешаҳои адабӣ ва сиёсати амалии Пешвои миллат нишон медиҳад, ки афкор ва ормонҳои шоирони классикӣ метавонанд ҳамчун заминаи таҳкими сиёсати давлатӣ ва роҳнамои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ хизмат намоянд. Татбиқи пайвастаи сиёсати Пешвои миллат дар амалӣ кардани ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои занону духтарон, дастгирии касбӣ, таҳсилот ва фаъолияти эҷодӣ намунаи возеҳ ва амалии ҳамоҳангсозии арзишҳои маънавӣ ва сиёсати давлатӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ, даврони Истиқлолият барои занону духтарон ба марҳалаи таърихӣ табдил ёфт, ки дар он онҳо метавонанд маърифат, худшиносиву худогоҳӣ ва саҳми фаъол дар рушди давлату ҷомеа дошта бошанд. Ин дастовардҳо шаҳодати ҷиддияти давлат ва роҳбарӣ дар татбиқи сиёсати баробарҳуқуқӣ, ҳифзи арзишҳои миллию фарҳангӣ ва тақвияти поягузори ҷомеаи муосир мебошанд.

Бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, занону духтарони тоҷик имрӯз на танҳо рамзи зебоии модариро ифода мекунанд, балки ҳамчун нерӯи созанда ва пайравони фаъоли рушди давлат ва ҷомеа шинохта мешаванд, ки ин мавқеи онҳо ҳамчун омили муҳими пешрафти кишварро таъкид мекунад.

Тавсияҳо барои рушди минбаъда:

1. Тавсеа додани барномаҳои давлатӣ ва стратегӣ барои ҷалби бештар ва рушди иқтидори занону духтарон дар соҳаҳои давлатдорӣ, соҳибкорӣ, илм ва фарҳанг.

2. Ташкили марказҳои омӯзишӣ ва инноватсионӣ барои духтарону бонувон, ки заминаи рушди зеҳнӣ, эҷодӣ ва касбиро фароҳам меоранд.

3. Афзоиш додани грантҳо, квотаҳо ва имкониятҳои молиявӣ барои дастгирии ҷалби фаъол ва пешрафти касбии занону духтарон дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ.

4. Ҳамоҳангсозӣ ва рушди барномаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ бо эътибори хос ба арзишҳои миллию фарҳангӣ ва ҳифзи анъанаҳои оилавӣ, ки ин барои таҳкими нерӯи созандаи занон муҳим мебошад.

Хулоса: Занону духтарон имрӯз ҳамчун нерӯи фаъол ва созандаи ҷомеа ва омили муҳим барои рушди устувор ва пешрафти Тоҷикистон шинохта шудаанд. Даврони Истиқлолият ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат намунаи равшани ҳамоҳангии арзишҳои адабӣ, фарҳангӣ ва сиёсати давлатӣ мебошад, ки ҳамчун роҳнамои рушди занон дар ҷомеаи имрӯза ва оянда хизмат мекунад. Ҳамоҳангии андешаҳои Мирзо Турсунзода ва сиёсати амалии Пешвои миллат намунаи равшани ҳамзистии арзишҳои адабӣ ва фарҳангӣ бо сиёсати давлатӣ мебошад, ки ҳамчун роҳнамои рушди занон дар ҷомеаи имрӯза ва оянда хизмат мекунад.



**Шаҳноза Шоабдураҳимовна – муовини декан оид ба корҳои илмии факултети география ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

# УСУЛҲОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ: ЗАРУРАТ ВА ТАКМИЛ

**Мусаллам аст, ки забони англисӣ дар арсаи байналмилалӣ дуввумин забони маъруфу машҳур ба ҳисоб рафта, онро дар 97% мактабҳои миёнаи кишварҳои аврупой ва аксарияти давлатҳои Осиё ва Америкаи лотинӣ меомӯзанд. Бояд тазаккур дод, ки омори сатҳи забондонӣ дар байни одамони калонсол нишондиҳандаи муҳим ба ҳисоб рафта, он собит месозад, ки шахсони забондон ба ҳар кишвари бегона, ки раванд, ҳатто бидуни донистани забони сокинони бумӣ, бо осонӣ метавонанд, мушкилоти хешро ҳаллу фасл намоянд.**

Тавре таҳлили оморҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, забони англисиро асосан шахсони аз 26 то 30 сола хубтару беҳтар аз худ менамоянд. Бинобар ин, тавассути арзёбии сатҳи дониши забони англисӣ дар байни 2,2 миллион нафар шаҳрвандони зиёда аз 100 кишвари ҷаҳон сатҳи воқеии дониши забони англисӣ дар миқёси ҷаҳон муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, тибқи шохиси раддабандии соли 2023, ки он аз ҷониби таҳлилгарони созмони “Аввал таҳсилот” таҳия гардидааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни 110 кишвари ҷаҳон мавқеи 106-умро ишғол намудааст. Тазаккур бояд дод, ки ба ғайр аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи кишварҳое, ки сатҳи дониши забони англисии шаҳрвандонашон чандон қаноатбахш нест, ҷумҳуриҳои Узбекистон-89, Қирғизистон-91, Озарбойҷон-92 ва Қазоқистон бо 99 нишондиҳанда шомил гардидаанд. Ҷумҳурии Туркманистон бо сабабҳои номаълум дар арзёбӣ ширкат накардааст.

Дар соли 2024 тибқи шохиси раддабандӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни 116 кишвар мақоми 109-умро ишғол намуд.

Дар ин росто, мутобиқи шохиси раддабандии соли 2025 бошад Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни 117 кишвар дар қатори 10 кишвари аз ҳама охир ҷойгир шудааст.

Омӯзиши забони англисӣ дар ҷумҳуриҳои миллӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилиҳои мухталиф мувоҷеҳ буда, онҳо асосан бо усулҳои таълим, маводи таълимӣ, тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ, инчунин дастгирӣ ва ҳавасмандкунии хонандагон рабт доранд. Дар маҷмӯъ, ҳамаи ин масоил бо муҳити дузабонӣ ва зарурати ба инобат гирифтани вижагиҳои дузабонӣ, хусусиятҳои забони модарӣ ва муносибати хонандагон ба забономӯзӣ алоқамандии зич доранд.

Дар робита ба масъалаи мазкур бояд зикр кард, ки азхудкунии падидаҳои забони англисӣ, бинобар тафовутҳои забонӣ ва ё набудани ҳамрадифи қоидаҳо дар забони модарӣ ба як монеаи ҷиддӣ табдил ёфтааст. Барои мисол, омӯзиши қоидаҳои грамматикӣ дар синфҳои тоҷикзабон бо мушкили сурат мегирад, зеро дар забони модарӣ ҳамрадифи на ҳама қоидаҳои грамматикии забони англисӣ мавҷуданд.

Дар зимн, меъёрҳои гуногун ва сабабҳои дигар, ки одатан дар раванди омӯзиши забони англисӣ ба вуқуъ мепайвандад, дахолати байнизабонӣ мебошад, ки хонандагон беихтиёр ва худсарона дониш ва маҳорати бо забони модарӣ ё забони русӣ доштаи худро дар ҷараёни дарс ба намоиш гузошта, раванди муошират бо забони англисиро мушкил мегардонанд. Инчунин, талаффузи нодуруст ва баёни фикру андеша, бинобар фарқиятҳо дар қоидаҳои савт (ритм) ва лаҳни (интонация) забони модарӣ метавонад барои беҳтару хубтар аз худ кардани забони англисӣ монеаҳо эҷод намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати давлатӣ оид ба тайёр кардани кадрҳо ва такмили омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони русӣ ва англисиро аввалиндараҷа қарор дода, вобаста ба беҳтар намудани вазъи омӯзиши забонҳои хориҷӣ тадбирҳои махсус андешида, барномаҳои махсуси давлатиро оид ба такмили омӯзишӣ забонҳои хориҷӣ қабул намуд.

Дар давоми солҳои 2003-2020 се барномаи давлатӣ оид ба такмили омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ ва англисӣ) қабул гардидааст, ки ҳадафи асосии онҳо такмили омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ ва англисӣ) ва беҳтар намудани сифати забономӯзӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки дар барномаҳои давлатӣ тамоми мақсаду вазифаҳо, самтҳои татбиқи барномаҳо ва натиҷаҳои онҳо, ҳамкориҳои байналхалқӣ, кафолати давлатӣ ва иҷтимоӣ ба хонандагон, таъминоти кадрии соҳаи маориф ва маҷмуи тадбирҳо оид ба татбиқи барнома дарҷ гардидаанд.

Дар ин росто, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи таълимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни забони англисӣ”-ро таҳия ва қабул намуд, ки тибқи он маҳорати касбии омӯзгорони фанни забони англисӣ баланд бардошта шуда, омӯзгорон бо роҳу усулҳои инноватсионии таълим, методикаи умумӣ ва хусусии таълими ин фан дар синфҳои алоҳида бо истифодаи усулҳои навини таълим шинос карда мешаванд. Инчунин, барномаи таълимӣ барои омӯзиши забони англисӣ тибқи низоми байналмилалии забондонӣ аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм таҳти №15/41 аз “30” октябри соли 2024 тасдиқ шудааст.

Сиёсати давлатӣ оид ба забони давлатӣ ва таълими дигар забонҳои хориҷӣ ҳамеша дар зери таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, дар чанд соли охир зимни ироаи Паём ба Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дар бораи аз худ кардани забонҳои хориҷӣ (русӣ ва англисӣ) дастуру ҳидоятҳо дода, ба вазорату идораҳои давлатӣ ҷиҳати омӯзиши забонҳои хориҷӣ супоришҳои мушаххас медиҳанд.

Вале, новобаста аз қабули қарору барномаҳо ва дигар нақшаи чорабиниҳо оид ба такмили омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ба вижа забони русӣ ва англисӣ, сатҳу сифати омӯзиши забони англисӣ ҳанӯз ҳам ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй нест. Яке аз талаботҳои асосӣ ҷиҳати такмили омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар қадами аввал баланд бардоштани сатҳу сифати омӯзиши забони модарӣ мебошад.

Тавре дар зербанди 8-уми “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дарҷ гардидааст: “Зарурати таълими босифати забони давлатӣ барои самаранок таълим додани забонҳои русӣ ва англисӣ”. Яъне, ин маънои онро дорад, ки агар сифати омӯзиши забони модарӣ хуб бошад, он гоҳ самаранокии дарсҳои забони хориҷӣ ҳам беҳтару хубтар хоҳад шуд, зеро хонандагон қоидаҳо ва дигар падидаҳои забони хориҷиро дар муқоиса бо забони модариашон тезтар аз худ менамоянд.

Инчунин, дар Барномаи давлатӣ дар бораи мушкилот ва монеаҳое, ки дар раванди омӯзиши забони русӣ ва англисӣ ба вуқуъ мепайванданд, аз ҷумла мавҷуд набудани муҳити забони хориҷӣ, норасоии омӯзгорони забони англисӣ, кам будани миқдори соатҳо, мавҷуд набудани луғатҳои муосир, дастраси надоштани хонандагон ба технологияи чандрасонаӣ (мултимедиа) ва ғайра маълумот дода шудааст. Илова ба мушкилоти болозикр дар ин самт, инчунин дастурҳои методӣ ва китобҳои дарсии кӯҳнашуда, ки муаллифони онҳо барои пайгирии тағйиротҳои лингвистикӣ дар забони англисӣ вақти маҳдуд дошта, хонандагон калима ва қоидаҳои грамматикии кайҳо дар забон мавриди истифоданашавандаро меомӯзанд, номбар кардан мумкин аст.



Мирзозода Ҳабибулло Хол – доктори илмҳои филологӣ, кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи С.Айнӣ

Вобаста ба дигар мушкилоти ҷойдошта дотсент Гадоев К.Х дар монографияи худ зери унвони “Интегрированное обучение иностранному языку в неязыковых вузах” чунин қайд намудааст: “Мушкилоти дигар дар барнома ва маводи омӯзишӣ буда, то имрӯз дар кишвар на танҳо китобҳои дарсии забонҳои хориҷӣ бо забони тоҷикӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии равияи ғайрифилологӣ, ҳатто барои тахассусҳои забони хориҷӣ низ таҳия ва нашр нагардидаанд. Бинобар ин, омӯзиши забони хориҷӣ аз рӯйи китобҳое, ки барои донишҷӯёни тоҷик пешбинӣ нашудааст, натиҷаи дилхоҳ нахоҳад дод”.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ оид ба забонҳои хориҷӣ асосан бо назардошти меъёру стандартҳои забони русӣ таҳия ва интишор мегардиданд, зеро омӯзиши забони англисӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ маҳз дар заминаи забони русӣ сурат мегирифт. Муаллифони китобҳои дарсӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз соли 1984-ум то пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ Старков А. П., Диксон Р. Р ва Рыбаков М. Д. ба ҳисоб мерафтанд.

(Идома дар сах. 15)

ХУДШИНОСӢ

# НАҚШИ “ТОҶИКОН”-И БОБОҶОН ҒАФУРОВ ДАР ТАҲКИМИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

**Тоҷикон ба қатори халқҳое шомил мебошанд, ки таърихи кӯҳан доранд ва бо тафаккури озодиву истиқлолхоҳӣ бар зидди бефарҳангиву зулму истибдод муборизаи беамон бурдаанд.**

Дар офаридани фарҳанги волову ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ба мисли миллати тоҷик пайдо кардан мушкил аст. Сарсупурдагону фарзонафарзандони миллат барои бунёди давлатдорӣ ва рушди фарҳанги миллӣ дар ҳама давру замонҳо муборизаҳои ғоявӣ мебурданд.

Ин нуқтаро бояд махсус қайд намуд, ки дар давроне, ки ҳеҷ имкони истиқлолхоҳиву ҳаракати хувиятсоз мавҷуд набуд, академик Бобоҷон Ғафуров китоби “Тоҷикон”- ро таълиф кард, ки аз нотарсӣ, шуҷоат, ва эҳсоси баланди худшиносиву худогоҳӣ таърихи халқи тоҷикро давраҳои қадимтарин, то давраи нав дар як китоб гирди ҳам овард. Академик Бобоҷон Ғафуров аз солҳои 30-40-уми асри XX ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик пардохт.

Қайд намудан зарур аст, ки вусъати дониш, таҷрибаи зиёди таҳқиқоти илмӣ, амиқ дарк карда тавонистани моҳияти назаривию сиёсии масъалаҳо ба ӯ имкон доданд, ки ба навиштани “Таърихи халқи тоҷик” шурӯъ намояд. Соли 1947 китоби ӯ “Таърихи мухтасари халқи тоҷик” ба забони тоҷикӣ нашр гардид. Ин асар аввалин таҳқиқоти пурра ва ҷамъбастӣ оид ба таърихи яке аз қадимтарин халқҳои олам –тоҷикон аст.

Академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби “Тоҷикон” бо далелҳои илмӣ исбот намудааст, ки тоҷикон қадимтарин халқи бумии Осиёи Миёна мебошанд.

Китоби “Тоҷикон”- и академик Бобоҷон Ғафуров аз 5 фасл, 14 боб, 68 мавзуву, зермавзуъҳо ва феҳристи сарчашмаву адабиёт, ихтисораҳо, феҳристи ашхос, номҳои ҷуғрофӣ ва топографӣ, номҳои этникӣ ва тавзеҳот иборат мебошад.

“Тоҷикон” 5 фаслро дар бар гирифта, дар фасли аввал “Сохти ҷамоаи ибтидоӣ ва заволи он дар сарзамини Осиёи Миёна” дар бораи сохти ҷамоаи ибтидоӣ дар Осиёи Миёна, сохти пешазқабилавӣ ва пайдоиши ҷамоаи қабилавиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин фасл ҷамъияти инсонӣ дар Осиёи Миёна дар давраи палеолит, мезолит, неолит ва асри биринҷ инъикос гардидааст. Олим дар бораи таркиби нажодии аҳолии Осиёи Миёна дар аҳди биринҷӣ ва масъалаи ориёиҳоро низ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар фасли дуюми китоб “Аҷдоди тоҷикон дар давраи тараққиёти муносибатҳои ғуломдорӣ”, ки аз панҷ боб иборат мебошад, муаллиф бо далелҳои илмӣ исбот менамояд, ки Осиёи Миёна дар ҳайати давлати Ҳахоманишиҳо қарор дошта, ин давлати гузаштагони тоҷикон буд. Муаллиф сипас дар бораи истилогарони Юнону Мақдунӣ, давлатдории Селвакиён, Юнону Бохтар, Кӯшониён сохти иҷтисодию иҷтимоии Осиёи Миёнаи давраи зикршуда маълумот медиҳад.

Фасли сеюми “Тоҷикон” бошад ба пайдоиш ва ташаккули муносибатҳои феодалӣ дар Осиёи Миёна бахшида шудааст, ки муаллиф зуҳур, ташаккул ва муборизаҳои синфии Осиёи Миёна, раванди гузариш ба феодализмро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин фасл доир ба шаклҳои хоҷагидорӣ, хоҷагии қишлоқ, ҳунармандӣ, меъморӣ, боғдориву обёрии заминҳо, рушди шаҳрдорӣ, вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии асрҳо VI-VII баҳс меравад.

Дар фасли чоруми китоб бошад академик Бобоҷон Ғафуров оид ба масъалаи “Осиёи Миёна дар давраи тараққиёт ва устуворшавии сохти феодалӣ” баҳс менамояд. Дар ин фасл доир ба хилофати араб ва ба сари ҳокимият омадани арабҳо, шикасти давлати Сосониён, забти Мовароуннаҳр аз ҷониби арабҳо, нақши халқҳои Осиёи Миёна дар мубоиза бо Умавиҳо ва Аббосиён, зуҳури давлатҳои Тоҳириён, Сафориён ва Сомониён, заволи Сомониён ва ба сари қудрат омадани Ғазнавиён, Қарахониён, Ғуриён ва Хоразмшоҳиён ва халқи тоҷик дар давраи Чингизиён ва Темуриёнро мавриди баррасӣ қарор додааст. Диққати асосиро Бобоҷон Ғафуров ба ташаккули забони форсии тоҷикӣ ва эҳёи фарҳанги тоҷикон равона намудааст.

Фасли панҷум бошад доир ба масъалаи “Тоҷикон дар давраи ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ва тараққиёти муносибатҳои капиталистӣ дар ин сарзамин” буда, муаллиф оғози ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна, ҷараёни маорифпарварӣ, рушди адабиёт ва соҳаҳои дигарро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Китоби Бобоҷон Ғафуров дар ҳақиқат дар ташаккули шинохти асолият, худшиносиву худогоҳии миллӣ, огаҳӣ ёфтан аз таърихи фарҳангу тамаддун ва давлатдории миллии мардуми тоҷик дар масири таърих хизмати арзанда кардааст.

Бо овардани далелҳои илмӣ Бобоҷон Ғафуров ҳамаи шубҳаҳоро дар мавриди миллати соҳибтамаддун будан, миллати бумии Осиёи Миёна нуқта гузоштаанд, ки ин дар ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии миллии насли наврасу ҷавони имрӯз саҳми бориз худро мегузорад. Зеро ки муаллиф бо ин асараш, ки шиносномаи миллати тоҷик эътироф гардидааст, ҷанбаъҳои норавшани таърихи тоҷикон инъикос кардааст.

Боиси зикр аст, ки академик Бобоҷон Ғафуров дар миёни чеҳраҳои мондагор бо як қатор ташаббусҳои бузургаш дар таърихи миллат бо ҳарфҳои заррин сабт гардидааст. Бобоҷон Ғафуров тамоми ҳаёт ва фаъолияти худро дар ҷодаи таҳқиқи анъанаҳои давлатдории тоҷикон, гузаштаи чандинҳазорсолаи миллати тоҷик, мақом ва ҷойгоҳи таърихии тоҷикон дар илму адаб ва фарҳангу тамаддуни башарӣ сарф намудааст. Барои фаъолияти барҷастаи давлатӣ ва хизматҳои бузург дар инкишофи илму фарҳанг, худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ ба Бобоҷон Ғафуров бо Фармони Президенти мамлакат аз 8-уми сентябри соли 1997 унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки дар ин асари безавол ҷараёни ташаккулёбии миллати тоҷик, рушди фарҳанги миллӣ ва ҳамзамон бо ин, лаҳзаҳои фоҷиабори ҳаёти мардуми мо ва қаҳрамониҳои таърихии фарзандони ҷоннисори он возеҳу равшан ва бо истифода аз сарчашмаҳои мӯътамади таърихӣ баён гардидаанд. Аҳаммияти ин асар имрӯз, яъне дар шароити вусъати рӯзафзун пайдо кардани паҳлуҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ барои худшиносиву худогоҳии миллии мардум, хусусан, наврасону ҷавонон ва тавсеаи тафаккури таърихии онҳо торафт меафзояд.

Асари “Тоҷикон” – и Б.Ғафуров шаҳодатнома ва ё муаррифгарӣ таърихи пурғановати миллати тоҷик мебошад. Ин асари ҷамъбастӣ ба таърихнигории бунёдии халқҳои Осиёи Марказӣ ибтидо гузошт. Ҳадафи аллома Бобоҷон Ғафуров бо нашри ин асар ва асарҳои минбаъда ба оламиён исбот намудани он нукта буд, ки тоҷикон қадимтарин сокинон ва соҳибони ҳақиқии ин марзу бум мебошанд. Дар он даврае, ки ғояҳои интернатсионализми сохта мағзу устухони низоми мавҷударо фаро гирифта буд ва ҳама гуна кӯшишҳои худшиносии миллӣ саркӯб мешуданд, аз ҷониби роҳбари мақоми аввали ҷумҳурӣ даст задан ба омӯзиши мавзӯи тақдири таърихи миллати тоҷик худ як қаҳрамонӣ буд. Ин асар шуълае буд, ки ба саҳифаҳои торику фаромӯшгаштаи таърихи миллати тоҷик равшанӣ андохта, падидаҳои худшиносию ифтихори миллиро такмил дод ва ба фарзандони бедордилу фидоӣ руҳ бахшид. Нашри ин асар дар ҳамон давра аз ҷасорату матонат ва ватанпарварии олим шоҳадат медод.

Чунончи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд «Хонандаи тоҷик тавассути «Тоҷикон» аз мақоми худшиносӣ ба омӯхтани таърихи гузаштаи худ рӯ овард. Ва ба саволҳои зиёди «Аҷдоди мо киҳо буданд?», Аз куҷо ба зиндагӣ шурӯъ карданд? Чи тавр давлат сохтанду давлатдорӣ карданд? Бо чӣ роҳу дастуре ба арсаи илму адабиёти оламшумул пой гузоштанд? Дар таърихи башарият чӣ мақому поя доранд?» посухи дақиқ ва муфассал ёфтанд».



Қозиён Шариф Қозӣ – мудири кафедраи ҳуқуқ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор

Таърихи ҳар як миллат оинаи худнамо, саргузашти пурпечутоб, тақдири мондагории халқу сарзамин дар муборизаву пайкорҳо барои ҳимояи марзу буми кишвар, инъикосгари раванди рушду такомул ва тасвири қаҳрамонию ҷонбозиҳои абармардону фарзандони баору номуси миллат, давлатмардону сарлашкарони нотарсу ҷасур ва сиёсатмадорони меҳандӯст барои ҳифзи Ватан аз ғасбу ғорати аҷнабиён аст.

Дар баробари ин, таърихи ҳар як халқу миллат бозгӯкунандаи дастовардҳо дар самти бунёди фарҳангу тамаддун, забону адаб, суннату расму ойинҳои ҳамон миллат аст, ки барои наслҳои минбаъда ба мерос гузошта шудаанд. Дар маҷмӯъ, офарандаи таърих худи халқ аст, ки дар гузашти солҳову асрҳо чун неруи тавоно барои ҳифзи худу сарзаминаш мубориза бурда, ҷиҳати мондагорӣ дар саҳифаҳои таърихи ҷаҳон талош меварзад.

Албатта, дар замоне, ки ҷаҳонишавии босуръат боиси бархӯрди фарҳангу тамаддунҳои гуногуни олам гардидааст, рӯ овардан ба таърихи гузаштаи халқ боиси он мегардад, ки

**(Идома дар сах. 12)**

*«Ҳар кӣ дониш надорад, қиматаш кам аст, гарчи дорои беш дошта бошад»*
*Камоли Хуҷандӣ (1321–1401)*

**ХУДШИНОСӢ**

# НАҚШИ “ТОҶИКОН”-И БОБОҶОН ҒАФУРОВ ДАР ТАҲКИМИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

**Аввалаш дар с.11**

бо донистани таърихи халқу миллати худ метавон ба ҳама унсурҳои манфии ҷаҳонишавӣ муқобилат карда, худ ва миллату сарзамини худро дар асоси донистани донишҳову арзишҳои таърихӣ ҳифз кунад. Ҳамзамон, муаррифии дастовардҳои таърихӣ низ боиси он мегардад, ки аҳли олам аз арзишҳои миллию фарҳангии миллати тоҷик огаҳӣ ёбад. Миллатро таъриху фарҳанг, забон ва корнамоиҳои фарзандони баору номусаш муаррифӣ менамояд.

Ба шарофати соҳибихтиёрӣ мо арзишҳои бостонӣ ва расму ойинҳои неки миллиамонро эҳё карда, онҳоро ба хотири баланд бардоштани худогоҳиву худшиносии ҳамватанонамон ва муаррифии шоистаи халқи куҳанбунёдамон дар арсаи ҷаҳон рушд дода истодаем, ки дар қатори онҳо бо дастуру супоиши бевоситаи Пешвои муаззами миллат ба ҳар як оилаи кишвар ба таври ройгон дастрас гардидани шоҳасари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, инчунин тибқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июли соли 2022 баргузор намудани озмуни “Тоҷикон»- оинаи таърихи миллат” аз муҳимтарин дастовардҳо дар соҳаи фарҳанги миллӣ ба шумор мераванд.

Ҳадаф аз баргузории озмуни “Тоҷикон»- оинаи таърихи миллат” низ тақвият бахшидани ҳувияти миллӣ, ҳисси ифтихор аз таъриху тамаддуни бостонии халқамон, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии мардум, қабл аз ҳама, наврасону ҷавонон, тақвияти завқи зебоипарастии онҳо ва пайдо кардани истеъдодҳои нодир аз байни наслҳои ояндасоз мебошад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар раванди навишти китоби “Тоҷикон” аллома Бобоҷон Ғафуров зери фишори сангини идеологӣ ва иҷтимоию – сиёсӣ қарор доштанд ва ин барои як эҷодкор ва олим бисёр душвор буд. Ҳуҷумҳое ки зидди ин шахсияти бузурги таърихӣ карданд руҳияи Бобоҷон Ғафуровро баръакс мустаҳкам намуда, далерию шуҷоат нишон дода китоби “Тоҷикон”-ро руйи чоп оварда, дар худшиносӣ ва бедории миллати тоҷик нақши худро гузоштанд.

Воқеан чи тавре аз суханронии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд омӯзиши китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров дар саҳти зарурӣ ба роҳ монда шавад. Ба назари инҷониб ин кор бояд дар сатҳи тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷоннок карда шаванд. Чунки тарғиботгар зиёӣ пеш аз ҳама, худаш бояд бо ин асарҳо дар шакли мукаммал шинос бошад.

Ба назари мо ки омӯзиш ва тарғибу ташфиқи ин китоб аз ду ҷанба хеле муҳим аст. Пеш аз ҳама, аз нигоҳи бедории миллӣ ва худшиносии миллӣ. Чи тавре мову шумо медонем ҷомеаи инсонӣ дар як марҳилаи ҳассоси таърихӣ қарор дорад. Мо шоҳиди он ҳастем ки аз чор тараф ҳуҷумҳои сиёсию геополитикӣ нисбати давлати мо авҷ гирифта, дурӯғу бухтонҳо аз ҷониби бо ном мухолифин ба сари миллату давлати бо роҳу воситаҳои гуногун таҳмил шуда истодааст. Мо қишри фаъоли ҷомеа кӯшиш намоем, ки асари бузург “Тоҷикон”-иБобоҷон Ғафуроврроба сифати як сипари ҳимоятии насли наврас ва ҷавонон истифода намоем. Мо мутмаинем, ки дар ин кор аъзоёни фаъоли ҷомеа, пеш аз ҳама, зиёиён, омузгорони мактабҳои миёна, донишгоҳҳо ва коллеҷҳо фаъол бошанд то ки мухтавою мазмуни ин асарро ба ҳар як ҷавон ва насли наврас расонда тавонанд ва онҳоро дар руҳияи худшиносии миллӣ ва эҳтироми фарҳанги миллӣ тарбия намояд.

Дуюм ҷанба, ҷанбаи идеологист! Чи тавре ки дар якчанд баромадашон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр карда буданд, бархурдҳои идеалогӣ миёни абарқудратҳои ҷаҳон, махсусан дар ҳоли кунуни тезу тунд шудааст. Воқеаҳое, ки дар Аврупои Шарқӣ ва Шарқи Наздик имрӯзҳо идома дорад давоми ҳамин бархурдҳои идеологӣ аст.

Мо бояд кӯшиш намоем ки бо мустаҳкам кардани пояҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии фарҳанги миллӣ ва махсусан мактабу маориф дар ин бархурдҳо мақом ва ҷойгоҳи худро мустаҳкам намоем. Таърих гувоҳ аст ки дар ибтидой солҳои 90 – ум миллати тоҷик ба фиреби сиёси дучор гашта, ҷанги шаҳрвандӣ ки ба сари миллати тоҷик таҳмил шуда,ба рушду инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ зарари калон расонид. Зарур аст, ки қишри фаъоли ҷомеа нақшаҳои геополитикии абарқудратҳоро пешаки дарк карда, Тоҷикистонро ба суйи оянда дурахшон раҳнамоӣ намоянд. Сабақи таърихӣ ва маълумотҳои таърихие, ки дар ин китоб оварда шудааст барои зиракии сиёсии мо як такони мустаҳкам мерасонанд. Чи тавре ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ раҳмон дар суханронияшон дар симпозиумми байналмилалӣ бахшида ба 115 – солагии академик Б.Ғафуров қайд карданд китоби “Тоҷикон” ҳамчун китоби руйи мизии ҳар як фарди худшиноси тоҷик бошад. Асари мазкур ҳамчун муарифгари миллати тоҷик ба забонҳои гуногун тарҷума шудааст ва мо кӯшиш намоем ки ин иқдомро идома диҳем.

Бо такя ба андешаҳои Пешвои муаззами миллат дар Симпозиуми байналмилалии “Бобоҷон Ғафуров – бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик” ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров ба чанд омиле, ки Б.Ғафуровро ба бузургтарин олим, намоёнтарин сиёсатмадор ва маъруфтарин ходими давлативу ҷамъиятӣ табдил додаанд ва маҳбубияти ӯро дар байни мардум таъмин менамуданд, ишора мекунем:

1. Яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои истеъдоди Б.Ғафуров он буд, ки мавсуф аз замони кӯдакӣ тахти тарбияи модараш – Розия Озод – шоираи номӣ ва хонуми бисёр таҳсилкарда умр ба сар мебурд ва Розия Озод тамоми вақти худро ба таълиму тарбияи писараш бахшида буд.

2. Новобаста аз он ки Б.Ғафуров замони тӯлонӣ (аз соли 1936 то 1956) дар вазифаҳои пурмасъули давлатӣ адои вазифа менамуданд, ягон маротиба корҳои илмиро ба зинаи дуюм намегузоштанд. Соли 1947 аввалин китоби ӯ «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ба забони тоҷикӣ баромада, се маротиба – солҳои 1949, 1952, 1955 ба забони русӣ нашр мегардад. Дар асоси ҳамин китоб Б.Ғафуров рисолаи докториашонро ҳимоя намуданд. Новобаста аз корҳои сангин вобаста ба корҳо дар идораҳои роҳбарӣ, бахши таърихи АИ ҶТ-ро роҳбарӣ мекарданд. Маҳз дар ҳамин солҳо зери роҳбарии ӯ чандин маҷмӯаҳо рӯи чоп диданд ва чандин аспирантон рисолаҳои номзадиашорон дифоъ намуданд.

3. Дар соли 1956 фаъолияти Институти шарқшиносии Академияи илмҳои СССР аз тарафи роҳбарияти онвақтаи Иттиҳоди Шӯравӣ Никита Сергеевич Хрушчев, Анастас Иванович Микоян, Михаил Андреевич Суслов танқид мешавад ва масъалаи зарурияти иваз намудани роҳбарияти Институти шарқшиносӣ пеш меояд. Роҳбарияти СССР ба хулосае меояд, ки танҳо олими машҳур, ходими давлатии намоён Б.Ғафуров метавонад ин вазифаи ниҳоят сангинро бар ухда гирад. Ҷойи зикр аст, ки Б.Ғафуров ягона директори институтҳои илмие буд, ки дар он замон аз тарафи Бюрои сиёсии КМ ҲКИШ ба ин вазифаи баланд таъйин гардид. Мавсуф аз соли 1956 то 12 июли соли 1977 ин муассисаро роҳбарӣ карданд.

4. Таърихи илм ва адабиёт гувоҳӣ медиҳад, ки одамони боистеъдод метавонанд холиқона дар соҳаҳои мухталифи илм кор кунанд. Б.Ғафуров маҳз яке аз ин афроди боистеъдод буд. Ӯ дар баробари таърих адабиётро низ хуб медонистанд. Ба илова, ӯ коршиноси беназири мусиқӣ, махсусан, мусиқии классикии «Шашмақом» буданд. Б.Ғафуров силсиламақолаҳои илмӣ дар бораи фаъолияти эҷодии бузургтарин ходимони илму фарҳанг Фирдавсӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ибни Сино, Форобӣ, Берунӣ, М.Иқбол ва ғ. таълиф намуданд.

5. Китоби маъруфи ҷаҳонӣ «Тоҷикон» дар илмҳои таърихӣ ва шарқшиносӣ яке аз бузургтарин падидаҳои илмӣ махсуб меёбад. Бузургтарин олимони ҷаҳон дар тақризҳои худ бар арзиши мондагори ин асари илмӣ таъкид мекарданд. Нашри китоби «Тоҷикон» дар Россия, Хитой, Полша, Индия, Эрон, Афғонистон ва дигар кишварҳои дунё гувоҳи маҳбубияти ҷаҳонии ӯст.

6. Яке аз вижагиҳои мутамойизи академик Б.Ғафуров он буд, ки мавсуф ба таври муносиб ва густурда сарчашмаҳои таърихӣ, ҳуҷҷатҳо ва маводи бойгониро истифода мекарданд. Б.Ғафуров дар марҳилаи таҳияи китоби «Тоҷикон» 1904 асару монография, ки 367-тои онҳо ба олимони хориҷӣ мутааллиқ буданд, истифода намуданд. Дар таҳияи ин китоб зиёда аз 85 сарчашмаҳои муътабари форсии тоҷикӣ оид ба таърих, ҷуғрофиё, дин, забону адабиёт истифода гардидаанд.

7. Омили дигари маҳбубияти Б.Ғафуров ҷаҳонбинии васеи ӯ буд, зеро ӯ ягона доиратулмаорифи замони худ шинохта мешуданд.

8. Маҳз тавассути осори худ Б.Ғафуров маҳбубияти ҷаҳониро касб намуданд. Осори зиёде аз ӯ дар Деҳлӣ, Берлин, Рим, Теҳрон, Пекин, Афина, Кобул, Париж ва дигар марказҳои илмии ҷаҳонӣ нашр шуданд. Бояд таъкид намуд, ки ӯ дар давоми солҳои зиёд Президенти Анҷумани байналмилалӣ назди ЮНЕСКО доир ба омӯзиши маданияти Осиёи Миёна, ноиби Президенти Шӯрои байналмилалӣ доир ба омӯзиши кишварҳои шарқ буданд. Интихоби Б.Ғафуров ба унвони доктори фахрии чандин донишгоҳҳои машҳури ҷаҳон, аъзои кунгураҳои илмӣ ва симпозиумҳо дар Монголия, Франсия, Эрон аз хирадмандӣ ва эътибори ӯ дар байни олимони тамоми ҷаҳон шаҳодат медиҳад.

Ва маҳз чунин шахсият метавонист муаллифи асари мондагори «Тоҷикон» бошад.

Ҳамин тариқ, олиму таърихшиноси варзида, фарзанди фарзонаи миллати тоҷик – аллома Бобоҷон Ғафуров, дар замони тантанаи Шуравӣ китоби мондагор ва боарзишеро дар самти муаррифии таърих ва тамаддуни мардуми орийё, аз ҷумла тоҷикон таълиф намуд, ки он аз ҷониби аксари олимону муҳаққиқони таърихшинос ва шарқшиносони дохиливу хориҷӣ пазируфта шуд. Китоби "Тоҷикон" ҳам миллати тоҷик ва ҳам муаллифи онро дар олам машҳур гардонид. Китоби мазкур бо чандин забонҳои хориҷӣ тарҷума гардида, мақом ва муборизаҳои миллати тоҷикро дар муборизаҳои сиёсиву иҷтимоӣ дар самти бунёду такмили тамаддуни орийё, ҳифзи марзу бум, забон ва фарҳанги он бо аснoди муътамади таърихӣ собит намудааст.

Арҷу эҳтиром гузоштани Пешвои миллат ва мардуми Тоҷикистон ба хизматҳои шоистаи Бобоҷон Ғафуров – Қаҳрамони Тоҷикистон моро водор месозад, ки рӯзгор ва осори ӯро бештар хонем, ба фарзандону шогирдон таълим диҳем, то ки тавассути донистани таърих худ ва миллати худро шиносанд ва барои ҳифзи марзу буми ин кишвар ва ҳувияти миллии худ доимо омода бошанд.

# ТАҲАММУЛНОПАЗИРИИ ВОЛИДАЙН ВА ОМИЛҲОИ ЗАРАРРАСОНИ ОН ҲАНГОМИ АНДЕШАРОНИИ ГУНОГУНПАҲЛӮИ КӮДАКОН

**Имрӯзҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ва пешрафти босуръати илму технологияҳои навин, аз ҷумла нанотехнологияҳо ва қудрати кайҳоннавардии кишварҳои пешрафта, масъалаи тарбияи насли наврас ва гузариши зинаҳои таҳсилот ба яке аз баҳсҳои доманадор ва ҳанӯз пурра ҳалнашуда табдил ёфтааст. Мусаллам аст, ки оромӣ ва солимии шуури ҷомеа – ин мазраи бунёдгоҳи фардои ояндадори насли наврас ба ҳисоб меравад.**

Чанд таҳлилҳои таҷрибавиеро дар раванди фаъолияти кориву иҷтимоии худ мавриди санҷиш қарор додаам, ки натиҷагирӣ аз он ба чорандешии саривақтии фардои насли наврас ва пешгирии баъзе аз омилҳоро ҷиддӣ талаб мекунад. Шояд, ки хонандагони мухтарами ин сатрҳо, ин навиштаҳои каминаро як навъ “тавсифӣ” ё ба қавли устод Садриддин Айнӣ “шарҳиҳолӣ” ҳам донанд, вале барои дар ҳошияи мақолаи зерин дарҷ намудани андешаҳои шахсии илмию таҷрибавии дигарон ва пешниҳоди роҳу усулҳои наву замонавии самараноки самтҳои тарбияи солим, таълиму зинаҳои он, андешаҳои худро ироа менамоям. Замони донишҷӯӣ, омӯзгори фанни педагогика дар масъалаи “Тарбияи кӯдакони хурдсол ва нақши хондани қиссаю афсонаҳои хурд ба онҳо” андешаронӣ мекард. Дар раванди баҳс мо ҳама ба хондани афсонаҳо ба гӯши кӯдакони хурдсол дастаҷамъона изҳори ризоият мекардем, вале дар фарҷоми натиҷабардории дарс омӯзгори фанни мазкур бар замми оне ки андешаи моро қаблан ҷонибдорӣ менамуд, иловатан, риояи меъёрҳои хониш ва нигаҳдошти синну соли кӯдаконро ба мо талқин намуд. Аҷиб он буд, ки чаро саривақтӣ ин андешаро ба мо хушдор надод? Ҷавоб ин аст, ки дар як вақт иҷрои ду амал барои системаи асаби инсон дар кадом синну соле қарор надошта бошад, гаронӣ мекунад. Ба ҳамин маъно, ба умқияти масъалаи асосии мақолаи кӯчакмазмуни худ меоям. Дар раванди тарбияи кӯдакон гузаронидани таҷрибаҳо агарчи хуб ҳам бошад, бояд, ки хеле эҳтиёткорона буд, зеро як таҷриба метавонад, чандин соли умри як наслро зоеъ намояд ва гоҳо самараи хуб ҳам надиҳад. Дар раванди тарбияи фарзанди нахустин, ки ба гумонам дигар падару модарон ҳам чун камина таҷрибаи кофӣ надошта бошанд ё агар дошта бошанд ҳам, ноустуворона, гуногунпешниҳодӣ ва ё дуализмона рафтор менамоянд. Ҳамин тавр, барои исботи таҷрибаҳои пешниҳодшуда ва татбиқи он дар мавриди аввал аз ҷунбонидани гаҳвораи тоҷикӣ даст кашидем, ки албатта онро низ таҷрибамандони соҳа талқин намуда буданд. Ин амали дасткашӣ аз гаҳворачунбонӣ, дар мавриди аввал барои як мутахассиси соҳаи адабиёт, ки худ садҳо маротиба нақши ҷунбонидани гаҳвора ва ниёиши “Алла”-и модарро ба хонандагону донишҷӯён талқин намудааст, осон набуд.

Ҳамин тавр, таҷрибаҳо нишон доданд, ки начунбонидани гаҳвораи кӯдак, алалхусус, гаҳвораи тоҷикӣ самари хуб ба бор меоварад. Дар ҳоле, ки (маъзурам доред), бемаврид ва сахту ҷаҳлмандона гаҳвораи кӯдаки навзодро меҷунбонем, мо системаи асаби онро, ки ҳанӯз дар раванди инкишофёбии ибтидоист, ба як чизи тасаввурнопазир табдил медиҳем. Шояд, ки гиряҳои пайдарпайи кӯдакон низ аз таъсири чунин ҳолат ҳам бошад? Сипас дар баробари ин ҳама осебрасониҳои нобахшиданӣ, умеди он дорем, ки дар оянда, фарзанди мо табиби ҳозиқ ё олими бузург хоҳад шуд. Мо дар ин ҷо андешаи мутлақи онро надорем, ки аз гаҳвораи ҷунбонидашуда, олиму табиб намебарояд, зеро аксари олимону шоирони классики мо парвардаи гаҳвораи ниёгонӣ буданд. Инро ҳамагон медонем, ки хостаи азал, фазо ва вақт, қазову қадар чизи раднопазир аст, вале агар системаи асаб аз ибтидо солим нигаҳдорӣ шаввад, ба гумонам, ки табиби солими ба қавли Низомии Ганҷавӣ “Исавиҳуш” ва олими дақиқназар зиёдтар тавлид хоҳад шуд. Талқини начунбониданигаҳвораи анъанавиро шояд, ки ин ҷо мутолиакунандагон ба тарзи дигар қабул кунанд. Мо ҷунбониданигаҳвораеро, ки бо тан якҷоя ҳаракат мекунад ва онро дар гуфтори мардумӣ болинчак меноманд, рад карданӣ нестем. Дигар миллатҳо ин усули истифодаи мероси ниёгонии мо болинчакро ба таври андак тағйирдода истифода мебаранд. Самараи он ҳам манфӣ нест. Хосияти асосии риояи ин гуфтаҳо дар устуворхотирии кӯдакон ба назар мерасад. Дар тиннати чунин кӯдакон хислатҳои: мустақиландешӣ, иродамандӣ, комёбӣ, ҳадафгузорӣ, мушаррафрафторӣ, моҳиятшиносӣ, муҳитандешӣ, дурнамоӣ, соҳибназарӣ, дурусттадбирӣ бештар ба назар мерасад, ки албатта барои пешрафти фаъолияти самараноки таълимию тарбиявии минбаъдаашон, манфиатбахшиҳо дорад. Ин таҷриба дар ҳаёти шахсию ҷамъиятии камина роҳандозӣ гардидааст.



Довудшо Бердиёров – котиби шурои олимо

Таҳаммулнопазирии волидайн ва омилҳои зараррасони он ҳангоми андешаронии гуногунпаҳлӯи кӯдакон низ, имрӯзҳо яке аз масъалаҳои ҳалталаб ба ҳисоб меравад. Мо падару модарон бояд, ки ба кӯдакони хурдсоли худ вобаста ба синну сол ва моҳияти фаҳмишу даркашон муоширати намоем. Мусаллам аст, ки фонди луғавии кӯдак аз муҳити хонаводагӣ сарчашма ё ғановатмандӣ мегирад. Мо ба кӯдакони хурдсоли худ баъзан, афсонаҳои худсохти худро бо истифодаи персонажҳои зараррасон ва овозҳои номуносиб нақл менамоем. Гумон мекунем, ки аз қаҳрамонии овозҳиҳи мо фарзандонамон ҷасорат меомӯзанд. Албатта ҳеҷ чизе дар зиндагӣ бетаъсир нест, вале ин рафтори ғайримеъёрӣ метавонад, ки баръакси ҳол ба кӯдакон зарарҳо расонад. Дар ин ҳол, кӯдакон барои идома надодани нақли чунин афсонаи нописанд кӯшиши савол додан, буридани нутқи волидайн ва монанди инро анҷом медиҳанд. Дар ин ҳолат, таҳаммулнопазирии волидайн ва сарзаниши кӯдакон аз ҷониби онҳо бо мақсади ором шудан, суханбурӣ накардан, ба инкишофи нутқи кӯдак, устувории ҳофизаи ӯ, шинохти паҳлуҳои маҳозии калимаҳо таъсироти манфӣ мерасонад, ки дар бартарафсозии он ба қавли Саъдии Шерозӣ “аҷрҳо бояд кашид”. Ҳангоми андешаронии мустақили кӯдакон бояд каме мунтазир истод. Кӯдакон низ чун калонсолон моҳиятан, аз дохили фонди луғавии худ муродифҷӯӣ (синонимкобӣ) мекунанд. Дар сурати таҳаммулнопазирии волидайн, суханбуриҳо ё кӯмакхоҳии ғайримеъёрӣ кӯдакон худро дар баробари шахсияти муқобилистода, заифтар меҳисобанд ва ин таъсироти саривақтӣ, аз вуҷудашон ба зудӣ берун намеравад. Албатта, ҳамон замоне аз вуҷудашон берун меравад, ки ба онҳо имконияти муродифҷӯӣ, баргаштани дертар ба нутқи анҷомнаёфтаро бо андак сабр кардан, падару модар, мураббиён ё омӯзгорон фароҳам оваранд.

Дар ҳошияи андешаҳои болой дарҷ намудан ба маврид аст, ки имрӯзҳо дар саросари кишвари азизамон – Тоҷикистони биҳиштосо барои таълиму тарбияи насли наврас шароитҳо басо муҳайё мебошанд. Шояд, ки дар радифи тангдастиҳои маънавии фаъолияти тарбиявии модарон (албатта на ҳама), аз усулҳои муосири интихобгардида, бо истифодаи зеҳни сунъӣ истифодабарӣ кард. Ин омилҳо метавонанд, ки аз лиҳози мусбӣ дар ҳамаи зинаҳои таълим барои фарзандони мо мусбӣ мусоидат кунанд ва омилҳои манфӣ бошанд, манфиатҳои ояндаи насли моро пархош хоҳанд кард.

Биёед, ки барои ояндаи неки фарзандонамон ва сохтани шахсияти онҳо, ҷавобгӯ будан ба адои вазифаҳои пурмасъулияти падару модарӣ, сазовор будан ба боварии Пешвои муаззами миллат, Президенти маҳбуби маорифпарвар, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таҳаммул рӯ оварему ин қавли Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро ҳалқаи гӯши худ кунем:

**Сабр талх омад, валекин оқибат,**
**Меваи ширин диҳад, пурмаърифат.**

*«Илм беҳтарин силоҳ аст бар зидди ҷаҳолат»*
*Ибни Ямин (1286–1368)*

НУҚТАИ НАЗАР

# РАВНАҚИ ҶОМЕА БО ДОНИШ ВА МАЪРИФАТ

**Дониш ва маърифат ҳамеша ҳамчун нерӯи бузурге дар таърихи инсоният шинохта шудаанд. Пешрафти илму фан, тараққиёти давлатдорӣ ва созандагии ҷомеа аз сатҳи донишмандӣ ва маърифатнокии мардум вобаста аст. Агар ҷомеа ба илму дониш таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кунад, он бешубҳа ба тараққиёт ва пешрафти устувор ноил мегардад.**

Ҷомеаи бе дониш чун киштии бе самтнамо аст: самти дуруст ва мақсади равшан надорад. Аз ин рӯ, аҳамияти дониш барои рушди ҷомеа ва давлатдорӣ ниҳоят бузург аст. Пешвоёни маърифатпарасти миллатҳо ҳамеша таъкид мекарданд, ки «илм чароғи роҳнамо» аст. Дар ҳақиқат, маҳз бо рӯшноии дониш инсон тавонист аз торикии ҷаҳолат бароияд, асрҳои асрорро кушояд ва ҷаҳони худро обод кунад.

Имрӯз дар ҷаҳони муосир, ки бо суръати баланди технология рушд мекунад, аҳамияти дониш боз ҳам зиёдтар шудааст. Миллате, ки бо дониш мусаллаҳ нест, қафо мемонад ва аз дигарон вобаста мешавад. Барои ҳамин, давлатҳо сиёсати миллии худро асосан ба соҳаи маориф равона месозанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф ва маърифат таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Хизматҳои Пешвои миллат дар ин самт ниҳоят бузурганд. Ҳанӯз дар оғози Истиқлолият, вақте кишвар бо мушкилоти зиёд рӯбарӯ буд, Сарвари давлат таъкид карданд: «Мо роҳи ояндаи миллатро танҳо тавассути дониш, илм ва маърифат муайян карда метавонем». Ин гуфтаҳо нишон медиҳанд, ки Пешвои миллат аз ибтидо илму донишро омили асосии пешрафти ҷомеа донистаанд.

Бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат даҳҳо барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф амалӣ гардиданд. Танҳо солҳои охир садҳо муассисаҳои таълимии нав сохта шуданд, садҳо китобхона ва марказҳои илмиву фарҳангӣ таъсис ёфтанд. Ҳамчунин, барои таҳсили ҷавонон дар хориҷи кишвар барномаҳои махсус роҳандозӣ шуд, ки имрӯз ҳазорҳо ҷавони тоҷик дар донишгоҳҳои пешқадами ҷаҳон таҳсил мекунанд. Худи Пешвои миллат борҳо таъкид намуданд: «Илму дониш қувваи пешбарандаи ҷомеа буда, он миллатеро, ки ба маърифат такя мекунад, ба сӯи рушд ва тараққиёт мебарад».

Дониш на танҳо барои рушди илмӣ ва иқтисодӣ зарур аст, балки дар ташаккули ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва худшиносии миллӣ низ нақши муҳим мебозад. Ҷавоне, ки маърифат дорад, ватанашро дӯст медорад, арзишҳои фарҳангиро ҳифз мекунад ва барои ободии ҷомеа саҳм мегузорад. Аз ин рӯ, тарбия ва омӯзиши насли наврас бо рӯҳи ватандӯстӣ ва маърифатпарастӣ яке аз вазифаҳои муҳими мактаб ва ҷомеа мебошад.

Ҳар як ҷомеае, ки донишро арзиш меҳисобад, ба истиқлолият ва қудрат ноил мешавад. Баръакс, ҷомеае, ки аз илму маърифат дурӣ меҷӯяд, зери асорати ҷаҳолат ва вобастагӣ мемонад. Барои ҳамин, имрӯз ҳар як шахс бояд барои омӯзиш ва такмили дониши худ саъй намояд.

Дар ниҳоят метавон гуфт, ки дониш ва маърифат сутуни асосии пешрафти ҷомеа мебошанд. Хизматҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди соҳаи маориф ва баланд бардоштани маърифатнокии ҷомеа барои наслҳои имрӯз ва фардо роҳи равшанро нишон додаанд. Аз ҳамин рӯ, вазифаи мо – ҷавонон ва аҳли ҷомеа – ин аст, ки омӯзишро бас накунем, донишро амалӣ созем ва бо заҳмати худ ба равнақи ҷомеаи тоҷик саҳм гузорем.



Холбобозода Сокина Маҳмадалиевна – муовини декан оид ба корҳои тарбиявии факултети забон ва адабиёти рус

# МАОРИФ – ПОЯИ АСОСИИ РУШДИ ДАВЛАТ ВА ҶОМЕА

**“Илми тоҷик инкишоф ёфтанаш даркор. Олимони ҷавонро тарбия кунед. Ҳамаи озмунҳоеро, ки ман ташкил кардам, ҳадафаш ҳамин аст. Гулчин кунед, гиред, тарбия кунед. Танҳо як коғаз надиҳем. Ақл диҳем, дониш диҳем, касбу ҳунар диҳем”**
**Эмомалӣ Раҳмон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ, ки бори нахуст дар бинои наву боҳашамати Парламенти кишвар ироа гардид, оид ба пешбурди самараноки сиёсати дохилию хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои гуногун маълумот доданд. Дар низоми давлатдории миллӣ Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати расмӣ ва муҳими барномавӣ буда, ойинаи равшани рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсии Тоҷикистон, барномаи мукаммали кории тамоми ниҳодҳо ва қутбнамои ҳаракати устувори ҷомеаи мо ба сӯйи ояндаи дурахшон мебошад. Ин аст, ки на танҳо хизматчиёни давлатӣ, балки тамоми сокинони мамлакат гаштаву баргашта ба ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз рӯй оварда, мазмуну моҳияти онро сармашқи фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор медиҳанд.

Маънои паём рамзи хушрӯзии мост,
Кафкубии мо нишони пирӯзии мост.
Ҳар як сухане, ки Пешво мегӯяд,
Сарчашмаи бахту мояи рӯзии мост.

Муҳимтарин бахше, ки дар Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 28-уми декабри соли 2024 зикр гардид, самти рушди соҳаи маориф ва илми кишвар мебошад. Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи маориф ҳамеша таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамоянд ва маорифро соҳаи ояндасози ҳаёти кишвар мешуморанд. Вобаста ба ин, Сарвари давлат доимо таъкид менамоянд, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад. Таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста дар меҳвари сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бартарӣ дошта, дар Паёми солонаи хеш Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки аз 1-уми сентябри соли 2025:

- маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 фоиз зиёд карда шавад;
- маоши вазифавии кормандони дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шавад;
- музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;
- ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба андозаи 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.

Ҳамзамон таъкид карда шуд, ки дар панҷ соли охир маоши вазифавии кормандони соҳаҳои буҷетӣ чор маротиба (солҳои 2020, 2022, 2023, 2024) ва дар маҷмуъ, ба андозаи 100 фоиз зиёд карда шуд. Дар ин муддат, яъне дар панҷ соли охир сатҳи таваррум ё баландшавии нархҳои истеъмолӣ ҳамагӣ 29 фоизро ташкил кард. Яъне, дар ин давра маош, нафақа ва стипендияҳо нисбат ба сатҳи таваррум бамаротиб зиёд гардиданд, ки бевосита ба коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар гардидани шароити зиндагии мардуми кишвар мусоидат намуданд.

Инчунин, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи хеш ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод намуданд, ки солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд. Гуфта шуд, ки соли 2025 азбаски соли рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия эълон гардид, моро зарур аст, ки ҳаматарафа махсусан олимон саҳми босазои хешро дар рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсия гузорем.

Дар маҷмуъ Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ва мардуми кишвар руҳияи баланди маорифпарварона дод. Дар он на танҳо самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз назари сиёсиву муносибати давлатдорӣ таҳлилу баррасӣ гардид, балки ҳосили меҳнат ва самараи кори инсонҳои масъулиятшинос, бунёдкору созанда, ватандӯсту худогоҳ ва худшинос, ки дар пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти кишвар саҳм гирифтаанд, бо хиради волои инсонӣ иброз гардид.



Қаюмов Мавлавӣ – донишҷӯи соли 3-юми факултети таърих ва ҳуқуқ

Хулоса, Паёми Пешвои миллат барои мо раҳнамову роҳкушо барои имрӯзу фардо маҳсуб меёбад, ки моро ба ватандӯстӣ, ватанпарастӣ, хештаншиносӣ ва баланд бардоштани ҳувияти миллӣ роҳнамоӣ мекунад.

Дар анҷоми Паём Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамаи мо, ҳамватанони азиз даъват ба амал оварданд, ки ҳамеша сарҷамъу муттаҳид бошем, Ватанамонро сидқан дӯст дорем, онро соҳибӣ кунем, ҳисси баланди миллӣ дошта бошем, аз тоҷик будани худ ифтихор намоем, барои ободӣ ва ояндаи дурахшони Тоҷикистони маҳбубамон талош кунем, дар таҳкими сулҳу оромӣ, ваҳдати миллӣ, ҳифзи истиқлолу озодии Тоҷикистон саҳми назарраси хешро гузорем.

# УСУЛҲОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ: ЗАРУРАТ ВА ТАКМИЛ

*(Аввалаш дар саҳ. 10)*

Дар ин росто, боиси ифтихор аст, ки дар даврони соҳибихтиёрии кишварамон олимони варзидаи соҳаи забоншиносӣ ва фанни забони англисӣ профессорон П.Ҷамшедов, П.Сатская ва С,Ҷоматов, инчунин досентон К.Алидодхонова, А.Саидов, С.Хоҷаева, З.Расулова ва дигарон силсилаи китобҳои дарсӣ аз фанни забони англисӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро таҳия ва интишор намуданд, ки ин як таҳаввулоти ҷиддӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ маҳсуб меёбад.

Дар зимн, ҳамагон хуб медонанд, ки дар даврони Шуравӣ забони русӣ ҳамчун забони давлатӣ ба ҳисоб рафта, омӯзиши он дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ҳатмӣ буд. Бинобар ин, донишҷӯёни ғайрирус дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ бо баъзе монеаҳо мувоҷеҳ мешуданд, зеро омӯзиши забони англисӣ на тавассути забони модарӣ, балки ба воситаи забони русӣ сурат мегирифт, ки ин ниҳоят раванди мушкилзо буд.

Тавре профессор К. Усмонов дар китоби худ оид ба "Грамматикаи назарии забони англисӣ" қайд мекунад: "Тайёрии мактабии шогирдони мо чи аз забони русӣ ва чи аз дигар фанҳо, аз ҷумла забони англисӣ дар сатҳи дониш, маҳорат ва малакаҳои хатмкунандагони мактабҳои кишвари Россия набуд ва ҳоло бештар коста гаштааст" .

Вақте мо дар бораи шеваи тадриси забони англисӣ фикру мулоҳиза меронем, мо бояд як нуктаро хуб дарк намоем, ки раванди забономӯзӣ ба мисли "ҳазми ғизо" мебошад ва забонро бояд тавассути "шуур, фикр ва ақл" коркард намуда, сипас эҷодкорона истифода намуд. Дар ин робита, бояд зикр намуд, ки дар низоми таҳсилоти даврони Шуравӣ шева ва усулҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ анқариб шабеҳи якдигар буд.

Таҷрибаи солҳои гузашта нишон медиҳад, ки дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ омӯзгорон асосан аз усулҳои "анъанавӣ" бештар сару кор мегирифтанд, ки усули мазкур дар "марказ"-и диққат худи муаллим, на хонандаро қарор медод. Мутаассифона, усули анъанавии таълим ба як навъ "қолаб" табдил ёфта буд ва барои омӯзгорону толибилмон баромадан аз он "қолаб" хеле мушкил буд.

Бояд қайд намуд, ки дар усули анъанавӣ ҷараёни дарс пурра зери мудирияти омӯзгор қарор дошт ва муаллим тибқи нақшаи дарс ҳамаи зинаҳои дарсро меомӯзонид. Чунин равиши дарс як навъ "яккаҳукмрони"-и омӯзгор дар синфхонаро мемонд. Дар ин робита, дигар мушкили, ки дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба назар мерасид, аз меъёри қабулгардида зиёд нишастани шумораи хонандагон дар синфхона буд. Тибқи меъёр синфҳои аз 25 то 30 нафар зиёд бояд ба ду зергурӯҳ тақсим карда мешуданд, вале ин меъёр дар амал риоя намегардид.

Бинобар ин. дар шароити имрӯза то кадом андоза меъёри мазкур дар мактабҳои миёна риоя мешавад ё не маълумоти мушаххас дастрас нест. Қайд кардан зарур аст, ки чунин низоми таҳсилот омӯзгоронро дар ҳолати ногувор мегузошт, зеро дар давоми 45 дақиқа муаллим бояд нақшаи дарсро пурра дар синфи 30 нафара иҷро менамуд. Аз ин лиҳоз, дарсҳои забони англисӣ асосан бо хондани матн, иҷрои корҳои хаттӣ ва навиштану азёд кардани шеъру луғат мегузаштанд.

Ҳамзамон, бо вуҷуди камбудиҳои вуҷуддошта дар усули анъанавӣ баъзе бартариҳоро низ мушоҳида кардан мумкин буд. Дар ин росто, яке аз чунин бартариҳо дар он буд, ки омӯзгорон хонандагонро ба иҷрои машқ ва ё хондани матн машғул намуда, бо ин роҳ ҷараёни дарсро мудирият ва интизоми синфро назорат мекарданд.

Дигар ин, ки омӯзгорон тавассути иҷрои машқҳо маҳорату малакаи хондану навиштани хонандагонро бештар такмил дода, ба маҳорати гуфтугӯ, мусоҳиба, муошират, ки малакаҳои аз ҳама муҳим ба шумор мерафтанд, камтар таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд. Инчунин, барои ғанӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон омӯзгорон аз усули азёдкунии калимаҳо, шеъру суруд ва ҳатто матнҳо истифода мебурданд, ки дар воқеъ барои қавӣ гардонидани хотира ва фикрронии хонандагон мусоидат мекард. Аммо, чунин тарзи машғулият як навъ "водоркунӣ"-ро мемонд, ки танҳо бо мақсади аз худ кардани маводи нақшаи дарс истифода мешуд.

Вазъи омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ то як андоза тафовут дошт, зеро аз лиҳози сохтор ва равия дар факултетҳои забони англисӣ ва русӣ якчанд кафедраҳои тахассусӣ фаъолият менамуданд, ки омӯзгорони факультетҳо фанни мушаххаси барномаи таълимиро тадрис мекарданд. Чун донишҷӯёни онрӯза-омӯзгорони оянда буданд, бинобар ин, омӯзиши забони англисӣ аз рӯйи якчанд фанҳои марбут ба забони англисӣ сурат мегирифт ва барои ҳар як фан стандарт ва талаботҳои муайян таҳия ва қабул гардида буд.

Дар ин робита қайд кардан ба маврид аст, ки омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои тахассусӣ аз рӯи китобҳои дарсӣ, ки аз ҷониби Вазорати маорифи Иттиҳоди Шуравӣ тавсия шуда буданд, сурат мегирифт ва боз ҳам муаллифони китобҳои дарсӣ асосан устодони мактабҳои олии Федератсияи Россия буданд. Бояд зикр кард, ки китобҳо дар заминаи қоида ва талаботҳои забони русӣ таҳия гардида, тардиси забони англисӣ тавассути забони русӣ ба роҳ монда шуда буд. Бинобар ин, китоби дарсии асосӣ барои донишҷӯёни бахши забони англисии факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи омӯзгорӣ китоби чорҷилдаи "Практический курс английского языка для студентов ВУЗов" зери таҳрири профессор Аракин В.Д ва муаллифон Е.Г.Сергиевская., Г.Б.Антрушина., В.П.Конецкая., Г.В.Мирошниченко., М.А.Соколова., Вард Д.А ва Нелидова И. А таҳиягардида мавриди истифода қарор дошт. Вобаста ба мазмуну мундариҷаи китобҳо ҳаминро метавон қайд намуд, ки матн ва машқҳои грамматикӣ асосан барои донишҷӯёни русзабон нигаронида шуда, тавзеҳоти қоидаҳо ва талаботҳо бо забони русӣ шарҳу эзоҳ дода шудаанд. Новобаста аз ин, донишҷӯёни тоҷикзабону узбекзабон аз он китбоҳо истифода менамуданд.

Дар робита ба усулҳои дарсдиҳӣ, дар факультети забонҳои хориҷӣ ҳамин нуктаро метавон зикр кард, ки шеваи дарсдиҳии забони англисӣ дар мактаби олӣ ба монанди мактабҳои миёна асосан бо истифодаи усули "анъанавӣ" сурат мегирифт ва омӯзгорон бештари вақтро бо пурсиши вазифаи хонагӣ, навиштани машқ, хондан ва тарҷумаи матн ва ё азёд кардани калимаҳои нав мегузаронанд. Бинобар ин, барои фаҳмондадиҳии мавзуи нав вақти зарурӣ боқӣ намемонд, вале омӯзгорон кушиш мекарданд аз ҳисоби иҷрои корҳои синфӣ ва вазифаҳои хонагӣ мавзуи навро фаро гиранд. Дар ҷараёни дарси забони англисӣ истифодаи усулҳои фаъоли таълим камтар ба назар мерасиданд, вале баъзан иҷрои машқҳои гурӯҳӣ ва кори дукасаро мушоҳида кардан мумкин буд.

Тазаккур бояд дод, ки новобаста аз мушкилиҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ таваҷҷуҳи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ба вижа забони англисӣ пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дучанд гардид, зеро пас аз солҳои 90-ум имкониятҳои пайдо кардани ҷои кор дар ташкилотҳои хориҷӣ, таҳсил ва кору фаъолият дар хориҷи кишвар бештар фароҳам шуд.

Бояд зикр кард, ки бӯҳрони иқтисодӣ-иҷтимоии солҳои 90-ум аксарияти мардуми кишварамонро водор ба он сохт, то барои пайдо кардани ҷойи кори хуб ва беҳтар кардани шароити зиндагӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ, махсусан ба Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва дигар кишварҳо ҳиҷрат намоянд.

Бо мурури замон вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар Тоҷикистон рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, аксари шаҳрвандон, махсусан насли ҷавони ҳушёру зирак ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони русӣ ва англисӣ ғоз карданд, зеро онҳо хуб дарк намуданд, ки донистани забонҳои хориҷӣ ба манфиати онҳо мебошад ва маҳорати забондониашон рӯзе ба кор хоҳад рафт.

Ҳамин тавр, аксари ҷавонон баъди хатми курсҳои забономӯзӣ, факултетҳои забони англисӣ ва мактабҳои олии мухталиф аз ҷониби созмону ташкилотҳои байналмилалӣ, сафоратхонаҳои кишварҳои хориҷӣ ва вазорату идораҳои давлатӣ, инчунин бахши хусусӣ ба кор ҷалб карда шуданд. Илова бар ин, бисёре аз ҷавонон барои идомаи таҳсил ба кишварҳои мухталифи ҷаҳон, ба шумули Федератсияи Россия, Қазоқистон, Беларус, Иттиҳоди Аврупо, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Британияи Кабир ва ғ. сафар карда, он ҷавононе, ки забони русӣ ва англисиро дар сатҳи хуб медонистанд, бе ягон мушкилӣ мактабҳои олии кишварҳои хориҷаро хатм намуда, ба кишвар баргаштанд ва ё феълан таҳсилашонро идома дода истодаанд.

Бо назардошти муҳимияти масъалаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ ва англисӣ) барои шаҳрвандони кишвар, татбиқи барномаҳои давлатӣ ҷиҳати такмили омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ ва англисӣ) ва беҳтар намудани сифати омӯзиши забонҳои хориҷӣ зарур медонем, ки якчанд тавсияҳо манзур гарданд:

Якум, мувофиқи мақсад мебуд агар дар назди факултетҳои забонҳои хориҷии донишгоҳҳои равияи омӯзгорӣ кафедраҳои забони тоҷикӣ таъсис дода шуда, барои тадриси забони модарӣ ҳаҷми зарурии соатҳои дарсӣ ҷудо карда мешуд, зеро омӯзгорониояндаи забони англисӣ ва русиро зарур аст, то забони тоҷикиро дар сатҳи баланд донанд ва усули муқоисаро дар ҷараёни тадриси забони хориҷӣ самаранок истифода намоянд. Чун агар омӯзгори забони англисӣ ва русӣ забони модарии хонандагонро дар сатҳи зарурӣ донад он гоҳ омӯзонидани забони хориҷӣ барои ӯ хеле осону хубтар мегардад. Тавре профессор П.Н.Сацкая дар китоби "Вопросы методики обучения английскому языку в таджикской школе қайд кардааст": "Забони модарӣ на танҳо дар зинаи фаҳмондадиҳии маводи нави дарси забони англисӣ

*(Идома дар саҳ. 16)*

*«Илм сарчашмаи рушду камол ва омили саодати миллат аст»*
*Садриддин Айнӣ (1878–1954)*



# УСУЛҲОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ: ЗАРУРАТ ВА ТАКМИЛ

*(Аввалаш дар саҳ. 15)*



нақши муҳимро иҷро мекунад, инчунин дар тақсимоти маводи дарсӣ, бинобар мушкилиҳои азхудкунӣ, муайякунии пайдарҳамӣ ва сохтани низоми оқилонаи барои бомуваффақият иҷро намудани машқҳо, мусоидат менамояд” .

Дар ин робита Н. И. Ҷӯраева дар рисолаи номзадии хеш зери унвони “Хусусиятҳои истифодаи усули муқоисавӣ – таззодии таълим дар омодагии касбии омӯзгори ояндаи забони хориҷӣ (дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) чунин зикр намудааст: “Ҳангоми баррасии ҷузъҳои сохтории салоҳияти методии омӯзгори забони хориҷӣ, муайян кардани ҳадафҳои он, унсури асосӣ ва маҳоратҳои марбут ба таълими забон муайян карда мешавад, ки малака ва маҳорати муқоиса ва таҳлили падидаҳои лингвистии забонҳои модарӣ ва забони омӯхташавандаро дар бар мегирад. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, ин малакаҳо дар таълими забони хориҷӣ муҳимманд, зеро муқоиса кардани далелҳои забони хориҷӣ бо забони модарӣ фаҳмидани сохторҳои забонро осон менамояд, ба интиқоли дониш мусоидат мекунад, малакаҳои метакогнитивиро инкишоф медиҳад” .

Дар зимн, Ш.Ғозиева ва Ф.Абдурозиқов дар мақолаи хеш таҳти унвони “ Моҳият ва мафҳуми методи босуръат дар дарси забони англисӣ ва тоҷикӣ” яке аз усулҳои фаъоли таълим - усули босуръатро, ки бинобар эҳтиёҷоти афзоянда ҷиҳати азхудкунии забонҳои хориҷӣ дар кутоҳтарин муҳлат ва ҳамзамон бо ҳадафҳои маҳдуди амалӣ дар солҳои 60-70-уми асри гузашта рӯнамой шуда буд, мавриди таҳлил қарор додаанд.

Дуввум, чун сухан дар бораи омӯзиши забони русӣ ва англисӣ тавассути забони модарӣ меравад, бинобар ин, беҳтар мебуд, агар ба нақшаи қабули донишгоҳҳои равияи омӯзгорӣ ихтисосҳои ҳамгиро, аз ҷумла забони англисӣ + тоҷикӣ, забони русӣ + тоҷикӣ, забони олмонӣ + тоҷикӣ ва дигар забони хориҷиро ворид мекарданд. Табиист, ки чунин иқдом ба осонӣ ва оқилан амалӣ нахоҳад шуд, вале онро метавон тадриҷан пиёда намуд, то дар оянда сатҳу сифати омӯзиши забонҳои хориҷӣ такмил дода шуда, сифати тайёр кардани кадрҳои забондонӣ омӯзгорӣ беҳтар гардад.

Дар ин робита, ба андешаи мо “усули ба таври муқоиса омӯхтани забони хориҷӣ беҳтарин шеваи дарсдиҳӣ мебошад, вале бинобар ба таври бояду шояд надонистани забони модарӣ ва муқоиса карда натавонистони забони хориҷӣ бо забони модарӣ хонандагон / донишҷӯён бо мушкилиҳо мувоҷеҳ мешаванд”.

Сеюм, вобаста ба эҷоди муҳити забони англисӣ - омӯзгорон муваззафанд, ки ба дарсҳо бо тайёрии ҳамаҷониба ва эҷодкорона ҳозир шаванд ва қисми асосии дарсҳоро бо забони англисӣ ва русӣ гузаронанд. Инчунин, омӯзгорон бояд муҳити забони англисӣ ва русиро тавассути усулҳои фаъоли таълим, машқҳои гуногуни фаъолсозӣ, воситаҳои чандрасонаӣ ва ҳавасмандкунии хонандагон эҷод намоянд.

Тавре Н.Х. Ғуломов ва З.Р. Ҳалимова дар мақолаи хеш дар бораи роҳҳои ҳавасмандгардонии хонандагон дар ҷараёни таълими забони англисӣ қайд намудаанд: “Истифодабарии методу усулҳои шавқмандагрдонии хонандагон танҳо дар он ҳолат натиҷабахш мебошад, ки ҳисси кунҷковӣ ва ҳавасмандӣ дар онҳо паст шуда бошад. Ва маҳз бо истифодабарии усулҳои фаъолсозӣ омӯзгор метавонад дар хонанда боз “оташи” шавқу ҳавасро биафрӯзад”.

Чорум, истифодаи самараноки чандрасонаӣ (мултимедиа) дар ҷараёни тадриси забони англисӣ (намоиши филмҳо, наворҳо, бозиҳои видеоӣ, саволу ҷавоб бо забони англисӣ, шунидани нутқи асли англисӣ ва русӣ метавонад ба такмили маҳорату қобилиятҳои шунавоӣ, талаффуз ва нутқ мусоидат намоянд.

Панҷум, истифодаи усулҳои фаъоли таълим (дар ҷараёни дарси забони англисӣ машғулиятҳои гурӯҳӣ, иҷрои нақшҳо, пур кардани чайнвордҳо, ёфтани чистонҳо, зарбулмасалҳо, викторинаҳои гуногун). Усули фаъоли таълим аз омӯзгор омодагии ҳамаҷониба ва эҷодкории зиёдро тақозо менамояд.

Шашум, барои кулли омӯзгорон ва хатмкунандагони факултетҳои забонҳои хориҷии донишгоҳҳои равияи омӯзгорӣ (бахшҳои русӣ ва англисӣ) бо ҷалби мутахассисони варзида аз дохил ва беруни кишвар (ИМА, Британияи Кабир ва Аврупо) курсҳои махсуси такмили ихтисос оид ба истифодаи усулҳои фаъоли таълим (бо таваҷҷуҳ ба такмили маҳорати гуфтугӯӣ ва муошират) дар назди Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бомӯзии кормандони соҳаи маорифи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ташкил карда шавад.

Шева ё усули дарсдиҳӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ ба шумор рафта, доир ба масъалаи мазкур олимону муҳаққиқони соҳаи методикаи таълими забони англисӣ, ба шумули Алиев С.Н., Бойматов А., П.Я.Гальперин., Гени Суит., М.Ильин., П.Н.Сацкая., Р.Ю. Барсук., Сайфуллоев Х.Ғ., Султанова З.Г., Усмонов К., Ҷураева Н.И. ва дигарон корҳои назаррасро ба анҷом расонида, пажуҳишҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар ин самт идома дорад.

Вобаста ба истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар ҷараёни омӯзиши забонҳои хориҷӣ (англисӣ) ва тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ дар ин соҳа, ба хусус забони англисӣ, силсила мақолаҳои илмӣ-методӣ аз ҷониби мутахассисони варзидаи соҳаи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (англисӣ) Алиев С.Н. “Методология становления профессиональной компетенции специалистов - будущих учителей английского языка”, Арбобова М.Т “Назорати малака ва маҳорати муошират донишҷӯён аз забони хориҷӣ, Мирзоева М.К. “Истифодаи усулҳои гуногун дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ”, Нуракова Н.И. “Инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии донишҷӯён дар таълим забони англисӣ”, Кучов Р.М “Речевое общение как объект обучения и овладения иностранным языком в педагогическом вузе”, Сайфуллоев Х.Г.“Методические рекомендации преподавателям вузов для применения интерактивных методов обучения”, Ҳасанов Ф.З. “Проблемы изучения английского языка в неязыковых факультетах и пути их преодоления” мақолаҳои илмӣ-методӣ ба нашр расонида шудаанд, ки омӯзгорони забони англисӣ метавонанд аз онҳо ба тавре самаранок истифода намоянд.

Бо вуҷуди ин, тавре таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, сатҳи забондонии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ ба талаботи замон ҷавобгӯй набуда, тибқи натиҷаҳои раддабандии созмону ташкилотҳои мустақили минтақавӣ ва байналмилалӣ сатҳи дониши забони англисии шаҳрвандони кишварамон, дар қиёс бо кишварҳои ҳамсоя, дар зинаи хеле паст қарор дошта, барои такмил додани омӯзиш ва баланд бардоштани сатҳу сифати дониши хонандагону донишҷӯён моро зарур аст, то аз имконият ва шароитҳои фароҳамгардида ҳамаҷониба истифода бурда, муносибатамонро ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ба вижа забони русӣ ва англисӣ таъғйир дода, усулҳои муосир ва самаранокро мавриди истифода қарор диҳем.




Омӯзгори ҷавон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
АҲЛИДДИН ИБОДУЛЛОЗОДА,
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Наҳтулло Айнуллозода, Дониёр Сангинзод, Рухшона Қурбонзода, Нигора Назарзода, Исмоил Исроилов
САРМУҲАРРИР:
ФАРИДУН КЕНҶАЗОД
Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Суроғаи мо: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Нашрия дар чопхонаи «Мега-Принт» ба табъ расидааст.
Телефон: 224-55-06

Нашрия таҳти рақами 495 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.
Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.
Шакли электронии "Омӯзгори ҷавон" дар сомонаи расмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, инчунин дар саҳифаҳои расмии донишгоҳ ва нашрия дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" ҷойгир карда мешавад.
Адади нашр: 50 нусха